ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ
ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Донишкадаи ҷумҳуриявии
такмили ихтисос ва бозомӯзии
кормандони соҳаи маориф

# ТАТБИҚИ САЛОҲИЯТҲОИ АСОСӢ (4К+) ДАР ПЕШБУРИ ФАЪОЛИЯТИ МУАССИСАИ ТАЪЛИМӢ

## Барои директорони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ



МОДУЛИ
4

**ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**ДОНИШКАДАИ ҶУМҲУРИЯВИИ ТАКМИЛИ ИХТИСОС ВА БОЗОМӮЗИИ КОРМАНДОНИ СОҲАИ МАОРИФ**

# МОДУЛИ 4

## ТАТБИҚИ САЛОҲИЯТҲОИ АСОСӢ (4К+) ДАР ПЕШБУРИ ФАЪОЛИЯТИ МУАССИСАИ ТАЪЛИМӢ

**Модули таълимӣ барои директорони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ**

**Душанбе 2026**

Бо қарори ҳайати Шурои олимони Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф аз «28» ноябри соли 2025, №11/7-1 тасдиқ карда шудааст.

**Мураттиб:** Ғуломносир Қурбонов

**Муҳаррир:** Сафарбек Собирзода

**Муқарризон:**

| | |
|---|---|
| Б. Муҳиддинзода, | сармутахассиси шуъбаи педагогика ва методикаи таълими Академияи таҳсилоти Тоҷикистон |
| Т. Турдиев, | мутахассиси пешбари Маркази ҷумҳуриявии таълимию методии назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон |

Модул бо дарназардошти талаботи Стратегияи рушди соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ва инчунин Чаҳорчӯбаи миллии рушди таҳсилот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия шудааст. Ҷорӣ намудани салоҳиятҳои асосӣ (4К+) (тафаккури интиқодӣ, эҷодкорӣ, муоширaт ва маҳорати омӯхтан) ба яке аз афзалиятҳои асосии маорифи муосир табдил ёфтааст.

Модул ҳамаҷонибаро барои рушди салоҳиятҳи 4К + омӯхтан дар амалияи муассисаи таълимӣ пешниҳод мекунад, ки ҳам фаъолияти таълимӣ ва ҳам беруназсинфиро дар бар мегирад. Ба таври махсус салоҳиятҳои 4К+ омӯхтан дар кори лоиҳавӣ, идоракунии муҳити таълимӣ ва шаклҳои таълим, ки ба рушди ин салоҳиятҳо мусоидат мекунанд, таваҷҷуҳ зоҳир карда мешавад.

Ҳамчунин, воситаҳои арзёбии шароит ва натиҷаҳои ташаккули салоҳиятҳо, ба монанди ченакҳо, мониторинг ва равишҳои амалӣ баррасӣ мегарданд. Барои шунавандагони курсҳои такмили ихтисоси директорони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ тавсия дода мешавад.

# Мундарича


Пешгуфтор .................................................................................... 4

1. Салоҳиятҳои асосӣ чистанд ва чӣ гуна муассиса онҳоро метавонад рушд диҳад ..... 5

2. Тафаккури интиқодӣ, эҷодкорӣ, муошират, ҳамкорӣ дар таълим, фаъолиятҳои беруназдарсӣ ва лоиҳавӣ .................................................................................... 20

3. Идоракунии шаклҳои таълим ва муҳите, ки ба ташаккули салоҳиятҳои асосӣ мусоидат мекунанд .................................................................................... 35

4. Чӣ тавр ташаккули салоҳиятҳоро арзёбӣ намудан мумкин аст: нишондиҳандаҳо, ченакҳо, мониторинг.................................................................................... 47

Адабиёт ва сарчашмаҳо.................................................................................... 61

**ПЕШГУФТОР**

Муассисаи таълимии муосир бо муаммоҳое рӯ ба рӯ шудааст, ки на танҳо мутобиқшавӣ, балки бознигарии амиқи нақши худ дар ҳаёти хонандагон ва ҷомеаро талаб мекунад. Дар шароити тағйироти босуръат, рақамикунонӣ, чолишҳои ҷаҳонӣ ва ноустувории афзоянда, маориф бояд на танҳо дониш, балки қобилиятҳое дар кӯдакон ташаккул диҳад, то ки дар оянда боэътимод амал кунанд.

Маҳз аз ҳамин сабаб, салоҳиятҳои асосӣ: тафаккури интиқодӣ, эҷодкорӣ, муоширaт, ҳамкорӣ ва маҳорати омӯхтан ба самти асосии ислоҳоти маорифи асри XXI табдил ёфтаанд.

Муносибати босалоҳият ба таълим, ки дар асоси стратегияҳои муосири таълим якҷоя қарор дорад, на танҳо аз худ кардани иттилоотро дар назар дорад, балки рушди қобилияти татбиқи донишро дар шароити воқеии зиндагӣ ва фаъолияти касбӣ низ дар бар мегирад. Салоҳиятҳо на танҳо малакаҳои зеҳнӣ, балки арзишҳо, муносибатҳо, малакаҳои ҳамкорӣ, қабули қарор ва масъулиятро низ фаро мегиранд. Ин равиш таълимро маънидор, амалгаро ва ба ташаккули шахсияти ҳамаҷониба равона месозад.

Модули мазкур мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Консепсияи миллии таҳсилоти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Стандарти давлатии таҳсилоти миёнаи умумӣ ва Стратегияи рушди соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то давраи соли 2030 таҳия шудааст. Он равишҳои муосири байналмилалӣ, аз ҷумла, чаҳорчӯбаи OECD «Ояндаи маориф ва малакаҳо 2030», тавсияҳои ЮНЕСКО ва Комиссияи Аврупо, инчунин таҷрибаи беҳтарини кишварҳои пешрафтаро дар бар мегирад.

Дар модул ба воситаҳои амалӣ таваҷҷуҳи махсус дода мешавад, ки равиши ҳамаҷониба ва низомиро барои ташаккули салоҳиятҳои асосӣ дар амалияи муассисаи таълимӣ таъмин мекунанд. Дар бахшҳои модул стратегияҳои ҳамгироии тафаккури интиқодӣ, эҷодкорӣ, муошират, ҳамкорӣ ва маҳорати омӯхтан ба фаъолияти таълимӣ, беруназсинфӣ ва лоиҳавӣ баррасӣ мешаванд. Иштирокчиён бо намунаҳои супоришҳои байнифаннӣ, усулҳои ташкили кори гурӯҳӣ ва равишҳои тарҳрезии вазъиятҳои таълимӣ, ки ба рушди салоҳиятҳои калидӣ мусоидат мекунанд, шинос мешаванд.

Мавзуи сеюм ба идоракунии муҳит ва шаклҳои таълим, ки рушди салоҳиятҳои асосиро тақвият медиҳанд, диққати асосӣ равона шудааст. Воситаҳо, ба монанди ҷадвали тағйирпазир, табдили муҳити таълим, ҷорӣ намудани фарҳанги лоиҳавӣ ва раҳнамоии омӯзгорон таҳлил карда мешаванд. Ҳамчунин, механизмҳои банақшагирии стратегӣ ва солона мавриди баррасӣ қарор мегиранд, ки ба муҳайё намудани шароит барои ҷорӣ намудани шаклҳои инноватсионии устувори таълим равона шудаанд.

Машғулияти чаҳорум ба усулҳои арзёбии шароит ва натиҷаҳои ташаккули салоҳиятҳо бахшида шудааст. Иштирокчиён бо воситаҳои мониторинг, ченакҳо барои пайгирии пешрафт, инчунин равишҳои худбаҳодиҳӣ ва тафаккури интиқодӣ шинос мешаванд.

Ҳамин тариқ, модул на танҳо асосноккунии назариявии аҳамияти салоҳиятҳои калидиро пешниҳод мекунад, балки маҷмуи воситаҳои амалиеро низ дарбар мегирад, ки барои ҷорӣ намудани низоми онҳо дар ҳаёти муассисавӣ мусоидат мекунанд.

Модул супоришҳои амалӣ, таҳлили ғалатҳои маъмул, маводи худбаҳодиҳӣ ва назорати фосилавӣ, инчунин адабиёти тавсиявиро дарбар мегирад.

Умедворем, ки ин барои шумо на танҳо манбаи идеяҳо, балки воситаи тағйироти воқеӣ дар амалияи таълимии шумо хоҳад шуд.

# МАВЗУИ 1

## Салоҳиятҳои асосӣ чистанд ва чӣ гуна муассиса онҳоро метавонад рушд диҳад

**Чиро донистан муҳим аст?**

**1. Мафҳум ва аҳамияти салоҳиятҳои асосӣ:**

- **Тафаккури интиқодӣ**, **эҷодкорӣ, муоширaт, ҳамкорӣ ва** **маҳорати омӯхтан**.
- **Нақши салоҳиятҳои асосӣ** дар ташаккули салоҳиятҳои калидии асри XXI.
- **Алоқамандии салоҳиятҳои асосӣ** бо муносибати босалоҳият дар таълим ва стандартҳои таълимӣ.
- **Аҳаммияти муҳити таълим**, фарҳанги педагогӣ ва роҳбарӣ дар рушди салоҳиятҳои асосӣ.

**Чиро бояд тавонем?**

- Муайян кардани имкониятҳо барои рушди салоҳиятҳои асосӣ дар фанҳои таълимӣ ва фаъолиятҳои беруназсинфӣ.
- Тарҳрезии супоришҳо ва вазъиятҳои таълимӣ, ки ба ташаккули салоҳиятҳои калидӣ мусоидат мекунанд.
- Дастгирии эҷодкорӣ ва тафаккури интиқодӣ тавассути саволҳои кушода ва робитаи мутақобила.
- Таҳлил ва мутобиқсозии муҳити муассисавӣ барои дастгирии рушди салоҳиятҳои калидӣ.
- Арзёбии зуҳуроти салоҳиятҳои асосӣ дар хонандагон ва истифодаи натиҷаҳо барои банақшагирии минбаъда.

**Саволҳои асосӣ барои баррасӣ:**

- Чаро салоҳиятҳои калидӣ ба асоси маорифи муосир табдил ёфтаанд?
- Чӣ гуна метавон рушди салоҳиятҳои калидиро ба амалияи ҳаррӯзаи мактабӣ ҳамгиро кард?
- Кадом усулҳои педагогӣ ба ташаккули салоҳиятҳои калидӣ бештар мусоидат мекунанд?
- Чӣ гуна муҳити муассисаро бояд сохт, ки рушди салоҳиятҳои калидиро дар ҳамаи хонандагон дастгирӣ кунад?
- Кадом монеаҳо дар роҳи ҷорӣ намудани салоҳиятҳои калидӣ вуҷуд доранд, чӣ гуна онҳоро паси сар ва арзёбӣ кардан мумкин аст: ченшаванда ва мушоҳидашаванда?
- Нақши директори муассиса дар рушди салоҳиятҳои калидӣ аз чӣ иборат аст?

**НАТИҶАҲОИ ТАЪЛИМ**

Пас аз омӯзиши мавзуъ метавонед:

1. Моҳияти салоҳиятҳои: тафаккури интиқодӣ, эҷодкорӣ, муошират ва ҳамкориро дарк карда, мефаҳмед, ки чаро ин малакаҳо барои маорифи асри XXI аҳаммияти калидӣ доранд.
2. Имкониятҳои ҳамгироии салоҳиятҳои калидиро ба амалияи мактабӣ таҳлил карда, рушди онҳоро дар фаъолияти таълимӣ, беруназсинфӣ ва лоиҳавӣ таъмин кунед.
3. Вазъиятҳои таълимӣ, супоришҳо ва шаклҳои ҳамкориро бо дарназардошти хусусиятҳои муҳити муассисавӣ, ки ба ташаккули салоҳиятҳои калидӣ мусоидат мекунанд, татбиқ кунед.

# Муқаддима

Дар ҷаҳони муосир, ки дар он дониш зуд кӯҳна мешавад ва равандҳои технологӣ ва иҷтимоӣ босуръат тағйир меёбанд, муассиса бояд на танҳо хонандагони огоҳ, балки шахсиятҳои тағйирпазир, андешаманд ва иҷтимоан фаъолро тарбия кунад. Маҳз аз ҳамин сабаб, дар маркази ислоҳоти маорифи асри XXI салоҳиятҳои маъруф бо номи тафаккури интиқодӣ, эҷодкорӣ, муошират ва ҳамкорӣ қарор доранд. Ин чор салоҳият аз ҷониби созмонҳои байналмилалӣ — ба монанди OECD, ЮНЕСКО ва Комиссияи Аврупо — ҳамчун калидӣ барои зиндагӣ, таҳсил ва кори муваффақ дар оянда эътироф шудаанд. Онҳо асоси муносибати босалоҳият дар таълим ба шумор мераванд, ки на танҳо аз худ кардани дониш, балки қобилияти татбиқи онро дар шароити воқеии ҳаёт дар назар дорад.

Рушди салоҳиятҳои калидиро (4К+) наметавон ба доираи як фан ё як дарс маҳдуд кард. Он талаб мекунад, ки раванди ҳамаҷониба амалӣ гардад, ки фаъолияти таълимӣ, берунназсинфӣ ва лоиҳавиро дар бар гирад, инчунин ташкили муҳити муассисавӣ, ҳамкориҳои педагогӣ ва қарорҳои идоракуниро фаро гирад. Танҳо дар чунин низом салоҳиятҳои калидӣ ба унсури лаҳзавӣ табдил намеёбанд, балки ҷузъи фарҳанги муассиса мегарданд.

# Шарҳи мафҳумҳои асосӣ

**Салоҳиятҳои асосӣ (калидӣ, умумӣ, 4К+)** – маҷмӯи чор маҳорати калидии асри XXI, ки барои таҳсили муваффақ, фаъолияти касбӣ ва зиндагӣ дар шароити ноустувор заруранд.

**Тафаккури интиқодӣ** — қобилияти таҳлил, арзёбӣ ва қабули қарорҳои асоснок.

**Эҷодкорӣ** — қобилияти тавлиди идеяҳои нав ва ҳалли ғайрианъанавӣ.

**Муошират** — ба таври самаранок баён кардани андешаҳо ва фаҳмидани дигарон.

**Ҳамкорӣ** — қобилияти кор кардан дар гурӯҳ ва расидан ба ҳадафҳои муштарак.

**Маҳорати омӯхтан -** қобилият ва малакаи шахс барои фаъол, мустақил ва самаранок аз худ кардани дониш, малака ва салоҳиятҳо

**Муносибати босалоҳият дар таълим** — равона кардани таълим ба татбиқи дониш дар зиндагӣ, рушди малакаҳо, умедҳо ва арзишҳо.

**Равиши ҳамаҷониба** — ҷорӣ намудани низомии салоҳиятҳои калидӣ ба ҳамаи соҳаҳои ҳаёти муассиса: дарсҳо, фаъолиятҳои берунназсинфӣ, лоиҳаҳо, муҳит ва идоракунӣ.

**Муҳити таълим** — шароите, ки дар он таълим сурат мегирад: фазо, муносибатҳо, технологияҳо ва фарҳанги муассиса.

**Фаъолияти лоиҳавӣ** — кори хонандагон ба рӯйи масъалаҳои амалӣ бо натиҷаи воқеӣ, ки салоҳиятҳои калидиро рушд медиҳад.

**Малакаҳои байнифаннӣ** — малакаҳои ҳаматарафа, ки дар фанҳои гуногун ва вазъиятҳои зиндагӣ татбиқ мешаванд.

# МАШҒУЛИЯТИ 1

## НАТИҶАҲОИ ТАЪЛИМ:

1. **Моҳияти ҳар яке аз салоҳиятҳои калидиро дарк** кардан ва фаҳмидан, ки тафаккури интиқодӣ, эҷодкорӣ, муоширaт ва ҳамкорӣ чист ва нақши онҳо дар маорифи муосир аз чӣ иборат аст.
2. **Зарурати равиши ҳамаҷонибаро** барои рушди салоҳиятҳои калидӣ дар муассиса дарк кардан ва соҳаҳои калидии ҳаёти муассисавӣ (дарсҳо, фаъолиятҳои беруназсинфӣ, лоиҳаҳо, муҳит)-ро ном бурдан.



## АЗ МИСОЛҲОИ ОДӢ ОҒОЗ МЕКУНЕМ
**Чиро медонед ва мефаҳмед?**

**Супоришҳо барои иштирокчиён:**

1. **Чиро аллакай медонед?**
   - Салоҳиятҳои асосиро (4К+) номбар кунед ва маънои онҳоро шарҳ диҳед.
   - Ба назари шумо, муассиса чӣ гуна метавонад ин салоҳиятҳоро дар хонандагон рушд диҳад?

**2. Дуруст/Нодуруст:**
- Тафаккури интиқодӣ танҳо дар дарсҳои математика рушд меёбад.
- Эҷодкориро танҳо тавассути фанҳои бадеӣ метавон рушд дод.
- Муоширaт ва ҳамкорӣ на танҳо дар раванди таълим, балки дар ҳаёти касбӣ низ муҳиманд.

**3. Мувофиқа кунед:** Салоҳиятҳои калидиро бо намунаҳои амалияи мактабӣ пайваст намоед:

| | |
|---|---|
| 1. Тафаккури интиқодӣ | a) Кор дар гурӯҳҳо бар рӯйи кейсҳо |
| 2. Эҷодкорӣ | b) Мунозираҳо ва суханрониҳои оммавӣ |
| 3. Муоширaт | c) Тавлиди идеяҳо барои лоиҳаҳои мактабӣ |
| 4. Ҳамкорӣ | d) Таҳлили мақолаҳо ва вазъиятҳои мушкил |
| **1.** - , 2- , 3 - , 4 - | |

**Саволҳо барои баррасӣ:**

1. Ба таҷрибаи шумо, кадом усул ва фаъолиятҳои кори муассисаи таълимӣ беҳтарин шароитро барои рушди салоҳиятҳои калидӣ фароҳам меоранд?
2. Ба назари шумо, кадом тағйирот дар муҳити таълим барои ташаккули салоҳиятҳои калидӣ самаранoктар мебошанд?
3. Чӣ гуна метавон сатҳи рушди салоҳиятҳои асосии хонандагонро дар доираи низоми мавҷуда арзёбӣ кард?



## ЧИРО БОЯД ДОНЕД?

**Варақаи иттилоотии 4.1-ро бо диққат хонда, сатҳи фаҳмиши худро тавассути варақаи баҳодиҳии 4.1. санҷед.**

**Варақаи иттилоотии 4.1**

### *1. САЛОҲИЯТҲОИ АСОСӢ: ПОЯИ ТАЪЛИМИ МУОСИР*

Таълими муосир бояд ба рушди малакаҳои татбиқи амалӣ дониши мактабӣ дар вазъиятҳои гуногуни таълимӣ ва зиндагӣ, муошырати байнишахсӣ ва муносибатҳои иҷтимоӣ равона карда шавад.

Таълими муосири мактабӣ бояд «**soft skills» (салоҳиятҳои тағйирпазир): салоҳиятҳои иҷтимоӣ ва шахсӣ ё ба истилоҳ «салоҳиятҳои универсалӣ», «салоҳияитҳои асри XXI**»-ро инкишоф диҳад.

**Истилоҳи «4К+»** одатан барои ишора ба салоҳиятҳое истифода мешавад, ки ба соҳаҳои маърифатӣ (зеҳнӣ, дониш), иҷтимоӣ ва эҳсосӣ тааллуқ доранд. Инҳо ҳамкорӣ, муошират, тафаккури интиқодӣ ва эҷодкорӣ мебошанд.

Ин салоҳиятҳо бо бисёре аз натиҷаҳои байнифании таълим, ки дар стандартҳои давлатии таҳсилот зикр шудаанд, зич алоқамандананд.

Дунё тағйир меёбад ва муасссисаи таълимӣ бояд хонандагонро на танҳо барои гирифтани дониш, балки барои зиндагии воқеӣ омода созад. Тафаккури интиқодӣ, эҷодкорӣ, муошират ва ҳамкорӣ - салоҳиятҳои калидии асри XXI мебошанд, ки қобилияти таҳлили иттилоот, ёфтани роҳҳои ҳалли масъала, ҳамкорӣ бо дигарон ва кори самаранок дар гурӯҳро муайян мекунанд.

**Баррасии умумии салоҳиятҳои асосӣ (4К+)**

#### *1.1. ТАФАККУРИ ИНТИҚОДӢ*

Аҳаммияти тафаккури интиқодӣ махсусан дар замони рақамӣ афзудааст, зеро инсон бо миқдори зиёди иттилоот ва ақидаҳои гуногун рӯ ба рӯ мешавад. Қобилияти таҳлили интиқодӣ, арзёбӣ ва тафсири иттилоот ба шахс кумак мекунад, ки ҳам дар ҳаёти шахсӣ ва ҳам дар ҷомеа ва касб хулосаҳои дуруст барорад ва қарорҳои оқилона қабул намояд.

Тафаккури интиқодӣ мафҳуми васеъ аст, вале онро метавон ҳамчун маҷмуи малакаҳои мушаххас тасвир кард, ки дар хонандагон мушоҳида ва ҳаматарафа пайгирӣ мешаванд:

- **Таҳлил** — қобилияти дарёфти робитаҳои мантиқӣ байни изҳорот, саволҳо ва далелҳо;
- **Арзёбӣ** — қобилияти арзёбии боэътимодӣ ва далелҳои аниқ;
- **Шарҳдиҳӣ** — қобилияти асоснок кардани нуқтаи назари худ;
- **Пешниҳоди назарияҳо** — қобилияти дарк кардани беэътибории иттилоот ва баровардани хулосаҳо;
- **Худтанзимкунӣ** — худсанҷӣ, ислоҳи хулосаҳо ва рефлексия.

#### *1.2. ЭҶОДКОРӢ*

Эҷодкорӣ — ин навъи тафаккур аст, ки қобилияти офаридани идеяҳои нав ва роҳҳои ғайричашмдошт барои ҳалли масъалаҳоро дар бар мегирад. Он инчунин хусусиятҳои шахсият ба монанди эътимод ба худ ва кушодани чизи навро дар бар мегирад.

Он иборат аст аз:

- **Кунҷковӣ** — шавқ ба ҷаҳон ва хоҳиши донистани бештар, ҷустуҷӯйи мустақили иттилоот;
- **Хаёл** — қобилияти тавлиди идеяҳои гуногун ва аслӣ;
- **Инкишофи идеяҳо** — арзёбии идеяҳо аз нуқтаҳои гуногун, дарёфти паҳлуҳои қавӣ ва заиф, қобилияти мутобиқшавӣ ба шароити нав.

### *1.3. МУОШИРАТ*

Муошират — ин қобилияти баён ва фаҳмиши андешаҳо, эмотсия ва далелҳо дар шакли шифоҳӣ ва хаттӣ мебошад.

Малакаи хуби муошират дар бар мегирад:

- набудани тарс аз муошират;
- қобилияти оғоз кардани суҳбат;
- омодагӣ ба додани савол ва ҷавоб;
- мутобиқшавӣ ба ҳадаф, мазмун ва шарики муошират.

### *1.4. ҲАМКОРӢ*

Ҳамкорӣ — қобилияти самаранок ҳамкорӣ кардан бо дигарон ва кор кардан дар гурӯҳ барои расидан ба ҳадафи умумӣ мебошад.

Ин малака аз чанд ҷузъи зичи ба ҳам алоқаманд иборат аст:

- қабул кардани ҳадафҳои умумӣ ҳамчун худӣ;
- муошират иҷтимоӣ: баррасӣ, мувофиқа ва ҳамоҳангсозии амалҳо;
- иҷрои ӯҳдадориҳои гирифташуда;
- мустақилият ва ташаббус.




Таҳқиқоти охирин ва аз ҷиҳати миқёс бузургтарин, ки дар 152 кишвар гузаронида шудааст, нишон дод, ки дар натиҷаҳои таҳқиқот салоҳиятҳои асосӣ аз 45 то 60 фоиз зикр мешаванд.

**Таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон**, ҳамчун як унсури низоми мактабии шӯравӣ, тавозуни байни донишҳои академикӣ ва тарбияи фарҳангиро нигоҳ дошта, ҳамзамон ба пешниҳоди низоми донишҳои академикӣ ба хонандагон равона шудааст.

Ба ин тартиб, муҳтавои таълим дар шакли фанҳои таълимӣ ташаккул меёбад. «Таҳсил дар асоси интиқоли донишҳои илмӣ аз рӯйи фанҳое ба монанди **математика, физика, химия, биология, таърих, адабиёт** бунёд ёфта буд, новобаста аз замон ва макон, бе назардошти баэътиборгирии ниёзҳои маънавии хонандагон ва гуногунрангии иҷтимоӣ-фарҳангии муҳим амал мекард».

## *2. РУШДИ ҲАМАҶОНБАИ САЛОҲИЯТҲОИ АСОСӢ ДАР МУАССИСАИ ТАЪЛИМӢ*

**Рушди** ҳамаҷонибаи салоҳиятҳои асосӣ маънои ташкили як низомро дорад, ки дар он ташаккули салоҳиятҳо на ба таври ҷудогона, балки ба таври табиӣ ва ҳамоҳанг дар ҷараёни таълим сурат мегирад. Муассисаи таълимӣ на танҳо унсурҳои алоҳидаи рушди салоҳиятҳо: тафаккури интиқодӣ, эҷодкорӣ, муошират ва ҳамкориро ба роҳ мемонад, балки муҳитеро месозад, ки дар он ин салоҳиятҳо ба таври маҷмуӣ рушд мекунанд.

**Рушди ҳамаҷонибаи салоҳиятҳои асосӣ** маънои дар тамоми сатҳҳои раванди таълим системанок ва мувофиқ воридсозии салоҳиятҳои дар боло зикршударо дорад. Он усули тадриси ҷудогона набуда, балки як **стратегияи мукаммал** мебошад, ки аз қисматҳои зерин иборат аст:

1. **Пайвастагии алоқамандии фаннӣ ва байнифаннӣ** – салоҳиятҳои калидӣ на танҳо дар дарсҳои алоҳида, балки дар тамоми фанҳо тавассути таҳқиқот, лоиҳаҳо ва супоришҳои амалӣ рушд ёбанд.
2. **Ташкили муҳити таълим** – фазои муасссисаи таълимӣ бояд рушди ин салоҳиятҳоро дастгирӣ кунад (масалан, минтақаҳои кории серҳаракат, майдончаҳо барои таълими фаъол, шаклҳои ҳамкорӣ, ки дар он хонандагон якҷоя кор мекунанд).
3. **Рушди педагогии бисёрсатҳӣ** – омӯзгорон на танҳо дониш медиҳанд, балки шароит фароҳам меоранд, ки хонандагон малакаҳоро тавассути кори гурӯҳӣ, баҳсҳо, кейсҳои эҷодӣ ва омӯзиши мушкилот рушд диҳанд.
4. **Истифодаи сенарияҳои воқеӣ** – хонандагон бо масъалаҳои амалӣ кор мекунанд, ки таҳлил, эҷодкорӣ, муошират ва кори дастаҷамъонаро талаб мекунанд.
5. **Ташхис ва мониторинг** – пайгирии мунтазами рушди 4К+-ро дар хонандагон тавассути ченкуниҳо ва воситаҳо имкон медиҳад, ки таҷрибаҳои таълимиро ислоҳ кунанд.

**Рушди ҳамаҷонибаи салоҳиятҳои асосӣ -** маънои онро дорад, ки муассиса салоҳиятҳоро на ба таври ҷудогона, балки маҷмуӣ ташаккул медиҳад ва низомеро месозад, ки дар он салоҳиятҳои мазкур ба таври табиӣ дар раванди таълим ва ҳамкорӣ рушд мекунанд.

## *3. ҲАМГИРОИИ ФАНҲО ВА РОБИТАҲОИ МЕЪЁРӢ ҲАМЧУН РУШДИ ҲАМАҶОНИБАИ САЛОҲИЯТҲОИ АСОСӢ*

**Ҳамгироии дохилифаннӣ ва байни фаннӣ -** заминаи рушди хониши босифат, дарки маъно, таҳлили эҷодӣ, муошират, ҳамкорӣ ва тафаккури интиқодиро фароҳам меоранд. **Таълими ҳамгиро** аз шаклҳои самараноки раванди таълим мебошад, ки дар он якчанд фан дар доираи як мавзуъ ё консепсия омӯхта мешаванд. Дар чунин дарсҳо одатан ҷудо карда мешаванд:

- **Фани асосӣ**, ки омӯзиши ғояи калидиро роҳбарӣ мекунад;
- **Фанҳои иловагӣ**, ки маводро дастгирӣ ва омӯзишро васеъ мекунанд;
- **Омилҳои омӯзиши амиқ**, ки имкон медиҳанд мавзуъ аз ҷиҳатҳои гуногун баррасӣ шавад.

Ин усул **маънои таълимро амиқтар мекунад**, ба хонандагон кумак мерасонад, ки робитаи байни донишҳоро дарк кунанд ва онҳоро дар зиндагии воқеӣ татбиқ намоянд.

**Намунаҳои мушаххаси дарсҳо, ки робитаҳои байнифаннӣ ба рушди салоҳиятҳои калидӣ мусоидат мекунанд:**

*Ҳамгироии физика, математика ва биология*

**Мавзуъ: Изҳои экологӣ**

- **Физика** — омӯзиши истеъмоли энергия ва таъсири партовҳои $CO_2$;
- **Математика** — ҳисоб кардани изи карбон барои оила ва мактаб;
- **Биология** — таъсири партовҳо ба экосистемаҳо ва саломатии инсон.

*Ҳамгироии фанни таърих, адабиёт ва донишҳои иҷтимоӣ*

**Мавзуъ: Рушди ҷомеа тавассути фарҳанг**

- **Таърих** — омӯзиши давраи Эҳё (Ренессанс) ҳамчун намунаи пешрафт;
- **Адабиёт** — таҳлили асарҳое, ки тағйироти иҷтимоиро инъикос мекунанд;
- **Донишҳои иҷтимоӣ** — баҳс дар бораи нақши санъат ва илм дар ташаккули арзишҳо.

  **Усул:** баҳсҳо, лоиҳаҳои эҷодӣ, таҳияи маълумоти тасвирӣ (акс, графика шакли овозии маълумот).

***Кори фардӣ ва дунафара: аз фанҳои таълиммедодагии худ оид ба ин масъала мисол биёред (химия, география, технология ва ғайра)***

## *4. ТАШКИЛИ МУҲИТИ ТАЪЛИМ*

**Ташкили муҳити таълим** — ин раванди ташкил ва тарҳрезии муҳити муассиса аст, ки ба рушди салоҳиятҳои калидии хонандагон мусоидат мекунад.

**Минтақаҳои кории серамали серҳарат** имкон медиҳанд, ки муҳити таълимӣ ба осонӣ ба вазифаҳои гуногун мутобиқ карда шавад.

**Майдончаҳои интерактивӣ** хонандагонро ба омӯзиши мустақил ва татбиқи амали дониш ташвиқ мекунанд.

Ташкил намудани ҳамкорӣ дар раванди таълим малакаҳои муошират, кори дастаҷамъона ва тафаккури интиқодиро рушд медиҳанд.

Чунин муҳит на танҳо раванди таълимро дастгирӣ мекунад, балки **фарҳанги рушди пайвастаро ташаккул медиҳад**, ки дар он хонандагон омӯхта, эҷодкорона ва самаранок амал мекунанд.

**Минтақаҳои кории ҳаракатнок дар бар мегирад**: инфиродӣ, дар дунафараҳо, дар гурӯҳҳо, ё дар дастаҳои лоиҳавӣ дар муҳити гуногуни синф ва ғайра.

| | |
|---|---|
| **Синфҳои тағйирёбанда** (синфе, ки онро тез ба фаъолиятҳо мутобиқ кардан осон аст)<br>**Минтақаҳои эҷодӣ** |  <br>Таҷҳизоти бо чарххо ҳаракаткунанда ё мизҳои гуногуншакл имкон медиҳанд, ки муҳит ба осонӣ барои лексияҳо, муҳокимаҳо ё супоришҳои гурӯҳӣ тағйир дода шавад. |

| **Минтақаҳои зудҳаракати корӣ** | |
|---|---|
| | Фазоҳо бо деворҳо, барои навиштан панелҳои фаъол ва курсиҳои ҳаракаткунанда **муҳити таълимро ба шакле ташкил медиҳанд, ки** муоширати фаъол, ҳамкорӣ ва рушди идеяҳо мувофиқанд |

| | |
|---|---|
| **STEM-лабораторияҳо (ин рафти таълимиест, ки** илм (Science), технология (Technology), кори муҳандисӣ (Engineering) ва математика (Mathematics)**-ро муттаҳид месозад** | • **Мизҳои кории ҳаракатнок бо таҷҳизот барои таҷрибаҳо, эҷодиёти техникӣ ва робототехника.**<br>• **Минтақаҳои таҷрибавӣ** — муҳитҳои махсус барои кор бо робототехника, электроника, таҳқиқоти химиявӣ ва физикӣ.<br>• **Курсҳои интерактивӣ** — омӯзиши барномасозӣ, тарроҳии муҳандисӣ ва таҳлили математикӣ.<br>• **Бозиҳои методӣ** — азхудкунии амалии мафҳумҳои мураккаб тавассути симулятсия (**пешнамоиш**, **тақлид**, ё **моделсозии раванди воқеӣ)** ва супоришҳои дастаҷамъона.<br>• **Минтақаҳои кори мустақилона -**фазоҳои бароҳат бо ҷойҳои инфиродии корӣ, ки дар онҳо хонандагон метавонанд **бидуни парешонӣ ва халал** ба омӯзиш машғул шаванд ва диққати худро тамаркуз кунанд. |




**Рушди педагогии бисёрсатҳа -** ин усули таълим аст, ки дар он омӯзгорон на танҳо иттилоотро интиқол медиҳанд, балки **барои азхудкунии фаъолонаи дониш ва ташаккули салоҳиятҳои калидӣ шароит фароҳам меоранд.**

**Унсурҳои асосии рушди бисёрсатҳа:**

1. **Кори гурӯҳӣ** – хонандагон дар дастаҳо ҳамкорӣ мекунанд, масъалаҳои мураккабро ҳал менамоянд ва малакаи ҳамкориро инкишоф медиҳанд.
2. **Мубоҳиса ва баррасиҳо** – баҳсҳо тафаккури интиқодиро ташвиқ мекунанд ва қобилияти баён ва асоснок кардани нуқтаи назарро рушд медиҳанд.
3. **Кейсҳои эҷодӣ** – хонандагон вазъиятҳои воқеӣ ё моделсозишударо ҳал мекунанд, ки таҳлил, тавлиди идеяҳо ва ҷустуҷӯйи роҳҳои ҳалли эҷодиро талаб мекунанд.
4. **Омӯзиши проблемавӣ –** хонандагон бо мушкилоти амалӣ рӯ ба рӯ мешаванд, роҳҳои ҳалли онҳоро таҳқиқ мекунанд ва донишҳои худро дар шароити мушаххас татбиқ менамоянд.

Кори фардӣ ва дунафара. Аз таҷрибаи амалии муассисаи таълимии худ оид ба минтақаҳои кориии фаъол ва муҳити таълим мисол биёред.

**Ҷадвал: Унсурҳои бисёрсатҳ бо мисолҳои амалияи муассисаҳои таълимии Тоҷикистон**

| Унсури рушд | Мисол дар дарс | Мисол дар фаъолияти беруназсинфӣ / ҳаёти мактабӣ | Малакаҳои калидӣ, ки рушд меёбанд |
|---|---|---|---|
| **Кори гурӯҳӣ** | Дарси ҷуғрофия: хонандагон дар гурӯҳҳо харитаи минтақаҳои табиии Тоҷикистонро тартиб медиҳанд ва хусусиятҳои онҳоро таҳлил мекунанд. | Омодагӣ ба намоишгоҳи мактабӣ «Ганҷинаҳои табиии Тоҷикистон» — таҳияи гӯшаҳо ва муаррифиҳо. | Ҳамкорӣ, муоширaт, эҷодкорӣ |

| | | | |
|---|---|---|---|
| **Мубоҳиса ва баррасиҳо** | Дарси донишҳои иҷтимоӣ: мубоҳиса дар мавзуи «Оё либоси ягона дар муассисаи таълимӣ дар Тоҷикистон зарур аст?» | Баррасӣ дар шурои АВО оид ба тақсими буҷет барои эҳтиёҷоти муассиса. | Тафаккури интиқодӣ, муоширaт |
| **Кейсҳои эҷодӣ** | Дарси математика: ҳисоб кардани буҷети сафар ба Душанбе бо дарназар - дошти нақлиёт, ғизо ва ҷойи зист. | Лоиҳаи «Шаҳри ман»: таҳияи масири сайёҳӣ дар Душанбе ё Истаравшан. | Эҷодкорӣ, тафаккури интиқодӣ, ҳамкорӣ |
| **Таълими проблемавӣ** | Дарси биология: таҳлили мушкили ифлосшавии дарёи Варзоб ва ҷустуҷӯйи роҳҳои тозакунии он. | Иштирок дар иқдоми экологии муассиса: таҳияи нақшаи коҳиши партовҳо дар ошхонаи мактаб. | Тафаккури интиқодӣ, қабули қарор, ҳамкорӣ |

**Таълими лоиҳавӣ (лоиҳаомӯзӣ) чист?**

**Таълими лоиҳавӣ** — ин равиши таълимиест, ки дар он хонандагон дониш ва малакаҳоро тавассути кори мустақилона ё гурӯҳӣ дар асоси **масъалаҳои амалӣ** аз худ мекунанд. Дар маркази таваҷҷуҳ **мушкилоти воқеӣ** қарор дорад, ки натиҷаи ниҳоӣ бояд таҳқиқ, таҳлил ва ҳал карда шавад, **эҷоди маҳсулоти мушаххас** (муаррифӣ, макет, таҳқиқот, иқдоми иҷтимоӣ ва ғайра).

**Лоиҳаомӯзӣ имконият медиҳад:**

- **Рушди салоҳиятҳои калидӣ**: тафаккури интиқодӣ, эҷодкорӣ, муошират ва ҳамкорӣ;
- **Ташаккули масъулият ва ташаббус** дар хонандагон;
- **Ҳамгироии донишҳо аз фанҳои гуногун**;
- **Маънодор ва ҳавасмандкунанда шудани раванди таълим**.

Намунаҳо аз таълими лоиҳавии фанҳои таълимӣ

**Ҷадвал: Таълими лоиҳавии фанҳои таълимӣ**

| Фан | Намунаи лоиҳа |
|---|---|
| **Ҷуғрофия** | Лоиҳа **«Захираҳои обии Тоҷикистон»**: таҳқиқи ҳолати дарёҳо ва пешниҳодҳо барои ҳифзи онҳо. |
| **Математика** | Лоиҳа **«Буҷети оилавӣ»**: ҳисоб кардани даромад ва хароҷот, таҳияи нақшаи молиявӣ. |
| **Таърих** | Лоиҳа **«Таърихи оилаи ман дар заминаи таърихи кишвар»**: мусоҳиба, ҷамъоварии маводи бойгонӣ, таҳияи рӯнамо. |
| **Биология** | Лоиҳа **«Мактаби сабз»**: таҳияи нақшаи сабзгардонии ҳудуди мактаб. |
| **Адабиёт** | Лоиҳа **«Қаҳрамони муосир»**: таҳлили шахсиятҳои адабӣ ва воқеӣ, навиштани эссе ё таҳияи видеоролик. |
| **Технология / Меҳнат** | Лоиҳа **«Тиҷорати хурд»**: истеҳсол ва фурӯши маҳсулоти дастӣ, ҳисоб кардани арзиши аслӣ. |

**Истифодаи сенарияҳои воқеӣ дар таълим**

**Истифодаи сенарияҳои воқеӣ** дар раванди таълим ба хонандагон кумак мекунад, ки на танҳо донишҳои назариявиро аз худ кунанд, балки **малакаҳои калидии ҳаёти воқеиро** низ рушд диҳанд. Ин усул таълимро **маънодор, ҷолиб ва амалӣ** мегардонад. Хонандагон бо **масъалаҳои воқеӣ** сару кор мегиранд, ки таҳлил, эҷодкорӣ, муошират ва кори дастаҷамъонаро талаб мекунанд.

**Шаклҳои фаъолият бо сенарияҳои воқеӣ:**

1. **Таҳлили кейсҳо** – омӯзиши вазъиятҳои воқеӣ аз тиҷорат, илм ё ҳаёти иҷтимоӣ ва арзёбии роҳҳои ҳалли онҳо.
2. **Бозиҳои нақшофарӣ** – моделсозии гуфтушунидҳо, қабули қарор дар ҳолатҳои бuҳронӣ ё баргузории воҳӯриҳои корӣ.
3. **Таҳқиқоти** муҳити атроф – омӯзиши мушкилоти маҳаллӣ, гузаронидани пурсишҳо ва таҳияи пешниҳодҳо барои ҷомеа.
4. **Лоиҳаҳои иҷтимоӣ ва соҳибкорӣ** – таҳияи ташаббусҳо барои беҳтар кардани муҳити мактаб ё ҷомеа.
5. **Ангезиши интерактивӣ** – истифодаи технологияҳои рақамӣ, VR/AR (муҳити рақамӣ ва технололгияҳои рақамӣ) барои таҷрибаи равандҳои воқеӣ (мисли амалиёти тиббӣ ё ҳисобҳои муҳандисӣ).

| |
|---|
| Кори фардӣ ва дунафара. Аз таҷрибаи амалии муассисаи таълимии худ оид ба минтақаҳои кории фаъол ва муҳити таълим ҷадвали зеринро пур кунед |

**Ҷадвал: Намунаҳои сенарияҳои воқеӣ дар амалияи мактабии миллӣ**

| Унсури равиш | Мисол дар дарс | Мисол дар фаъолияти беруназсинфӣ / ҳаёти мактабӣ | Салоҳиятҳои асосие, ки рушд меёбанд |
|---|---|---|---|
| **Кори гурӯҳӣ** | | | |
| **Мубоҳиса ва баррасиҳо** | | | |
| **Кейсҳои эҷодӣ** | | | |
| **Омӯзиши проблемавӣ** | | | |

## *5. ТАШХИС ВА МОНИТОРИНГИ САЛОҲИЯТҲОИ АСОСӢ ДАР ДОИРАИ РУШДИ ҲАМАҶОНИБА ДАР ТАЪЛИМ*

**Ташхис ва мониторинг** — ин равандҳои пайгирӣ ва арзёбии рушди салоҳиятҳои асосӣ: тафаккури интиқодӣ, эҷодкорӣ, муошират ва ҳамкорӣ дар хонандагон мебошад. Онҳо ба омӯзгорон кумак мекунанд, ки рушди инфиродии хонандагонро муайян намуда, равандҳои таълимиро мутобиқ созанд.

**Стратегияҳои асосии ташхис ва мониторинг:**

1. **Ҷадвалҳои қиёсӣ ва рубрикаҳо** – таҳияи меъёрҳое, ки сатҳи рушди ҳар як салоҳиятро нишон медиҳанд. Масалан: рубрика барои тафаккури интиқодӣ метавонад қобилияти таҳлили далелҳо, дарёфти хатоҳои мантиқӣ ва пешниҳоди роҳҳои алтернативиро дар бар гирад.
2. **Портфолиои дастовардҳо** – ҷамъоварии корҳои хонандагон (лоиҳаҳо, эссе, муаррифиҳо) барои арзёбии пешрафти ҳамаи салоҳиятҳои асосӣ.
3. **Мушоҳида ва таҳлили рафтор** – сабти мунтазами иштироки хонандагон дар баррасиҳо, лоиҳаҳои гурӯҳӣ ва супоришҳои эҷодӣ.
4. **Пурсишнома ва хударзёбӣ** – истифодаи саволномаҳо, ки дар онҳо хонандагон малакаҳои худро арзёбӣ мекунанд ва минтақаҳои рушди худро муайян месозанд.
5. **Таҳлили миқдори рақамӣ** – мониторинги фаъолият дар платформаҳои таълимӣ, таҳлили намунаҳои муошират ва кор бо иттилоот.

**Ҷадвал: Стратегияҳои ташхис ва мониторинги салоҳиятҳои асосӣ**

| Стратегия | Тавсиф | Намунаи истифода | Кадом салоҳиятҳои асосӣ арзёбӣ мешаванд |
|---|---|---|---|
| 1. Ҷадвалҳои муқоисавӣ ва рубрикаҳои арзёбӣ | Меъёрҳо барои сатҳҳои рушди салоҳиятҳо | Рубрика барои эссе аз фанни донишҳои иҷтимоӣ: мантиқ, таҳлил, роҳҳои алтернативӣ | Тафаккури интиқодӣ, муошират |
| 2. Портфолиои дастовардҳо | Ҷамъоварӣ ва таҳлили корҳои хонандагон | Ҷувздон бо лоиҳаҳо, муаррифиҳо, эссе ва ёддоштҳои инъикоскунанда | Салоҳиятҳои асосӣ |
| 3. Мушоҳида ва таҳлили рафтор | Сабти фаъолият дар вазъиятҳои таълимӣ | Варақаҳои назоратӣ барои лоиҳаи гурӯҳӣ: пешниҳоди идея, гӯш кардан, тақсими вазифаҳо | Ҳамкорӣ, эҷодкорӣ, муошират |
| 4. Пурсишнома ва хударзёбӣ | Хонандагон малакаҳои худро арзёбӣ мекунанд | Саволнома: «Ман то чӣ андоза хуб дар гурӯҳ кор мекунам?», «Чӣ қадар идея пешниҳод мекунам?» | Салоҳиятҳои асосӣ, худшиносӣ |
| 5. Таҳлили пайҳои рақамӣ | Пайгирии фаъолият дар муҳити рақамӣ | Шумораи шарҳҳо, сифатнокии далелҳо, истифодаи мултимедиа | Тафаккури интиқодӣ, муошират, эҷодкорӣ |

**1. Ҷадвали хударзёбии хонандагон**

*(Хонандагон сатҳи малакаҳои худро аз 1 то 5 арзёбӣ мекунанд)*

| Салоҳият | Тавсифи малака | Арзёбӣ (1–5) | Шарҳи хонанда |
|---|---|---|---|
| Тафаккури интиқодӣ | Таҳлили иттилоот, мантиқ, асосноккунии андеша | | |
| Эҷодкорӣ | Тавлиди ақидаҳо андешаронии ҳамаҷониба | | |
| Муошират | Баён кардани андеша, гӯш кардан ва далел овардан | | |
| Ҳамкорӣ | Кори дастаҷамъона ва тақсими вазифаҳо | | |

**2. Варақаи назоратӣ барои мушоҳидаи лоиҳаҳои гурӯҳӣ**

*(Омӯзгорон сатҳи иштироки хонандагонро мушоҳида ва қайд мекунанд)*

| Меъёр | Бале | Қисман | Не | Шарҳи омӯзгор |
|---|---|---|---|---|
| Хонандагон дар баррасӣ иштирок мекунанд | | | | |
| Далелҳо ва фактҳоро истифода мебаранд | | | | |
| Гурӯҳҳо вазифаҳоро самаранок тақсим мекунанд | | | | |
| Идеяҳои нав пешниҳод мекунанд | | | | |

**3. Ҷадвали мониторинги пешрафти салоҳиятҳои асосӣ**

*(Дар асоси мушоҳида ва дастовардҳо пур мешавад)*

| Ному насаби хонанда | Тафаккури интиқодӣ | Эҷодкорӣ | Муошират | Ҳамкорӣ | Сатҳи умумӣ | Тавсияҳо |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | | |
| | | | | | | |
| | | | | | | |

**4. Ҷадвали хударзёбӣ бо мисолҳо**

| Салоҳият | Тавсифи малака | Арзёбӣ (1–5) | Шарҳи хонанда | Мисолҳои мушаххас |
|---|---|---|---|---|
| Тафаккури интиқодӣ | Таҳлили иттилоот, мантиқ, асосноккунии андеша | | | Ман дар баҳсҳо хулосаҳои мантиқӣ пешниҳод кардам |
| Эҷодкорӣ | Тавлиди идеяҳо, гуногунандешӣ | | | Барои лоиҳа идеяи истифодаи маводди маҳаллиро додам |
| Муошират | Баён кардани андеша, гӯш кардан, далел овардан | | | Дар гурӯҳ фикрамро бо далелҳо асоснок кардам |
| Ҳамкорӣ | Кори дастаҷамъона, тақсими вазифаҳо | | | Ман вазифаҳоро байни аъзоёни гурӯҳ тақсим кардам |

**Намунаи истифода:**

- Хонандагон ин ҷадвалҳоро дар охири ҳар моҳ бо овардани мисолҳои воқеӣ пур мекунанд,
- Омӯзгорон сабтҳоро таҳлил мекунанд, то минтақаҳои рушди инфиродиро муайян созанд.

## Ҷамъбаст: хулосаҳои асосӣ

1. **Салоҳиятҳои калидӣ- 4К (тафаккури интиқодӣ, эҷодкорӣ, муошират ва хамкорӣ) — пояи таҳсилоти муосир:**
   - Ин малакаҳо ба хонандагон кумак мекунанд, ки **иттилоотро таҳлил кунанд**, **ҳалҳои ғайриқолабӣ пайдо намоянд**, **самаранок муошират кунанд** ва **дар гурӯҳ кор кунанд**.
   - Рушди онҳо на танҳо барои муваффақиятҳои таълимӣ, балки барои **мутобиқшавӣ ба ҷаҳони зудтағйирёбанда** низ муҳим аст.
2. **Равиши ҳамаҷониба — калиди ташаккули самаранокии 4К:**
   - Ба ҷои ҷорӣ кардани унсурҳои ҷудогона, мактаб **низомеро месозад**, ки дар он салоҳиятҳои асосӣ **ба таври табиӣ ва ҳамоҳанг рушд мекунанд**.
   - Ташаккули малакаҳо на танҳо дар дарсҳои алоҳида, балки **дар тамоми муҳити таълим** сурат мегирад.
3. **Стратегияҳои рушди салоҳиятҳои асосӣ дар таълим:**
   - **Кори лоиҳавӣ** — хонандагон масъалаҳои воқеиро ҳал мекунанд, тафаккури таҳлилӣ ва малакаҳои гурӯҳиро инкишоф медиҳанд.
   - **Шаклҳои ҳамкоронаи фаъолият** — таҳқиқоти гурӯҳӣ, дебатҳо, «Ангезиши зеҳн» барои дарки амиқи донишҳо.
   - **Усулҳои ҳамфаъол** — минтақаҳои кории ҳаракатнок, лабораторияҳои STEM, технологияҳои рақамӣ.
   - **Ташхис ва мониторинг** — пайгирии пешрафти салоҳиятҳои асосӣ тавассути чек-листҳо, пурсишномаҳо ва платформаҳои рақамӣ.
4. **Нақши омӯзгор — на танҳо интиқолдиҳандаи дониш, балки созандаи муҳит,** ташкилкунандаи раванди таълим ҳам аст. Шароит фароҳам меорад**, ки дар он хонандагон** фикр кунанд, эҷод намоянд ва ҳамкорӣ кунанд**.**

**Хулоса:**

Рушди салоҳиятҳои асосӣ **равиши ҳамаҷонибаро** талаб мекунад. Муҳити таълим, методҳо, технологияҳо ва стратегияҳои педагогӣ бояд **дар як низом кор кунанд**, то ташаккули табиии салоҳиятҳои калидиро таъмин намоянд.

## Ҷамъбаст: хулосаҳои асосӣ

1. Кадом ғояҳо ва принсипҳои асосии равиши ҳамаҷониба ба рушди салоҳиятҳои асосиро бештар дар ёд доред?
2. Дар ҷараёни омӯзиши мавзуъ, чӣ шуморо бештар ба ҳайрат овард ё водор ба андеша кард?
3. Кадом унсурҳои равиши ҳамаҷонибаро метавонед фавран дар амалияи таълимии худ татбиқ намоед?
4. Дар ҷараёни ҳамгироии салоҳиятҳо ба раванди таълим кадом мушкилиҳоро мебинед? Чӣ гуна метавон онҳоро бартараф кард?
5. Пас аз омӯзиши мавзуъ, кадом ғояҳои нав барои рушди салоҳиятҳои асосӣ дар муассисаи шумо пайдо шуданд?

👉 *Шакли кор: ҷавобҳои хаттӣ ё баррасӣ дар гурӯҳҳои хурд*

---

**II. Худбаҳодиҳӣ ба амалияи худ**

**1. Ҳамгироии салоҳиятҳои асосӣ ба амалияи шумо**
- То чӣ андоза шумо ба таври огоҳона тафаккури интиқодӣ, эҷодкорӣ, ҳамкорӣ, муоширатро дар кори худ истифода мебаред?
- Дар кадом ҷанбаҳои ҳаёти муассисаи таълимии шумо аллакай унсурҳои салоҳиятҳои асосиро татбиқ кардаед?

**2. Усулҳои истифодашаванда**
- Кадом стратегияҳо ба рушди салоҳиятҳои асосӣ дар байни хонандагон мусоидат мекунанд?
- Кадом шаклҳои кор (лоиҳаҳои гурӯҳӣ, усули кейс, баҳсҳо, супоришҳои эҷодӣ) самаранoктаранд?

**3. Душвориҳо ва монеаҳо**
- Дар раванди ҳамгироии салоҳиятҳои асосӣ ба таълим бо кадом монеаҳо рӯ ба рӯ мешавед?
- Кадом захираҳо ё ҳалли методологӣ метавонанд дар бартарафсозии ин мушкилиҳо кумак расонанд?

**4. Қадамҳои амалӣ**
- Барои тақвияти равиши ҳамаҷониба кадом тағйироти мушаххасро метавон ворид кард?
- Чӣ гуна метавон ангеза ва иштироки хонандагонро дар рушди салоҳиятҳои асосӣ баланд бардошт?

**5. Дидгоҳҳои рушд**
- Кадом ҳадафҳои дарозмуддатро барои татбиқи салоҳиятҳои асосӣ дар муҳити таълимӣ мебинед?
- Чӣ гуна метавон ҳамкории байни омӯзгорон, хонандагон ва маъмуриятро барои рушди салоҳиятҳои асосӣ тақвият бахшид?

👉 *Шакли кор: қайдҳои инфиродӣ + мубодилаи дунафарӣ*

**III. Гузариш ба амал**

**1. Муайян кардани самтҳои афзалиятнок**
- Кадом ҷанбаҳои салоҳиятҳои асосӣ дар мактаби шумо ниёз ба тақвият доранд?
- Кадом захираҳо ва абзорҳо аллакай барои татбиқ дастрасанд?

**2. Таҳияи қадамҳои мушаххас**
- Таҳияи маводди таълимӣ ва супоришҳое, ки ба рушди салоҳиятҳои асосӣ равона шудаанд.
- Эҷоди ташаббусҳои мактабӣ, ки ба рушди кори дастаҷамъона ва эҷодкорӣ мусоидат мекунанд.

**3. Кор бо ҳайати омӯзгорон**
- Ташкили баррасиҳо ва банақшагирии муштарак барои татбиқи салоҳиятҳои асосӣ.
- Гузаронидани тренингҳои дохилӣ ва мубодилаи таҷриба байни омӯзгорон.
- Ҷорӣ намудани низоми мониторинг ва таҳлили самаранокии татбиқи 4К.

**5. Арзёбии натиҷаҳо ва ислоҳи стратегия**
- Гирифтани фикру мулоҳизаи мунтазам аз омӯзгорон ва хонандагон.
- Таҳлили таҷрибаҳои муваффақ ва муайян кардани нуқтаҳои рушд.

## ХУДБАҲОДИҲӢ: ЧӢ ДАР ХОТИРАМ МОНД, ЧИРО ФАҲМИДАМ?

**Варақаи худбаходии 4.2**

**1. Мафҳумро бо тавсифи он мутобиқ намоед**

**Супориш:** Унсурҳои сутуни аввал ва дуюмро бо ҳам пайваст намоед, ҷуфтҳои дурустро интихоб кунед.

| Мафҳум | Тавсиф |
|---|---|
| A. Тафаккури интиқодӣ | 1.Қобилияти равшан баён кардани андешаҳо, иштирок дар баҳсҳо ва ҳамкории самаранок бо дигарон. |
| B. Муоширaт | 2.Қобилияти таҳлили иттилоот, ёфтани нуқтаҳои заъф ва баровардани хулосаҳои асоснок |
| C. Ҳамкорӣ | 3.Қобилияти тавлиди ғояҳои нав, роҳҳои нав ва ҳалли ғайристандартӣ. |
| D. Эҷодкорӣ | 4.Қобилияти кор дар гурӯҳ, тақсими вазифаҳо ва ёфтани роҳҳои ҳалли муштарак |
| | **Ҷавоб:** A – , B – , C – , D – |

**2. Ҷавоби дурустро интихоб намоед (сатҳи ибтидоӣ)**
**Савол: Кадоме аз изҳоротҳои зерин мафҳуми «ҳамкорӣ»-ро дақиқтар тавсиф мекунад?**

a) Қобилияти таҳлили иттилоот ва баровардани хулосаҳо.
b) Қобилияти кор дар гурӯҳ, тақсими вазифаҳо ва расидан ба ҳадафҳои умумӣ.
**c)** Маҳорат дар тавлиди ғояҳои нав ва ҳалли ғайристандартӣ.
d) Қобилияти равшан баён кардани андешаҳо ва ҳамкории самаранок бо дигарон.

**3. Рушди ҳамаҷониба дар рушди салоҳиятҳои асосӣ дар мактаб**
**Савол: Дар мактаб зери мафҳуми равиши ҳамаҷониба ба рушди салоҳиятҳои асосӣ чӣ фаҳмида мешавад?**

a) Тамаркуз танҳо ба яке аз салоҳиятҳои асосӣ, масалан, тафаккури интиқодӣ.
b) Ҳамгироии салоҳиятҳои асосӣ ба раванди таълим, фаъолиятҳои беруназсинфӣ ва фарҳанги мактаб.
c) Истифодаи усулҳои стандартии таълим бидуни тағйирот.
d) Рушди салоҳиятҳои асосӣ танҳо тавассути технологияҳои рақамӣ.

**4. Кадом аз усулҳои зерин ба рушди ҳамкорӣ дар доираи рушди ҳамаҷониба беҳтар мусоидат мекунад?**

a) Лоиҳаҳои инфиродӣ, ки дар хона иҷро мешаванд.
b) Лоиҳаҳои гурӯҳӣ, ки дар онҳо хонандагон муштарак масъалаҳоро ҳал мекунанд ва вазифаҳо тақсим мешаванд.
c) Тестҳо бо интихоби як ҷавоби дуруст.
d) Хондани лексияҳо дар бораи аҳамияти кори дастаҷамъона.

**5. Чӣ гуна мактаб метавонад эҷодкориро дар доираи рушди ҳамаҷониба рушд диҳад?**

a) Танҳо тавассути дарсҳои санъат ва мусиқӣ.
b) Эҷоди шароит барои фаъолияти лоиҳавӣ ва ҳавасмандгардонии тафаккури ғайристандартӣ.
c) Манъ кардани истифодаи қолабҳо дар иҷрои супоришҳо.
d) Тамаркуз танҳо ба фанҳои академикӣ.

**6. Чӣ гуна мактаб метавонад рушди салоҳияти муоширатро ба раванди таълим ҳамгиро кунад?**

a) Ташкили баҳсҳо ва муҳокимаҳо дар дарсҳо.
b) Сода кардани супоришҳо барои иҷрои инфиродӣ.
c) Баровардани лоиҳаҳои гурӯҳӣ аз барнома.
d) Тамаркуз танҳо ба супоришҳои хаттӣ.

## МАШҒУЛИЯТИ 2

**НАТИЧАҲОИ ТАЪЛИМ:**

1. **Донистани истифодаи намунаҳо аз равиши ҳамаҷониба** дар рушди салоҳиятҳои асосӣ (тафаккури интиқодӣ, эҷодкорӣ, ҳамкорӣ ва муошират) дар мактаб.
2. **Тавонистани тарҳрезии воситаҳо барои ташхиси равиши ҳамаҷониба** дар рушди салоҳиятҳои асосӣ.

### Машғулияти амалии 1: Ташхиси салоҳиятҳои асосӣ дар амалияи мактабӣ

**Супориш:**

1. Ба гурӯҳҳои хурд (3–5 нафар) муттаҳид шавед.
2. **Лаҳзаи дарс аз як фанни таълим ё фаъолияти беруназсинфиро интихоб намуда, таҳлил намоед.**

1. **Ба саволҳои зерин ҷавоб диҳед:**
   - Кадоме аз салоҳиятҳо асосӣ (тафаккури интиқодӣ, эҷодкорӣ, ҳамкорӣ, муошират) дар ин фаъолият рушд меёбанд?
   - Кадом шаклҳои кор (гурӯҳӣ, лоиҳавӣ, баҳсҳо ва ғ.) истифода мешаванд?
   - Кадом салоҳиятҳо ба қадри кофӣ рушд намеёбанд?
2. **Ҷадвалро пур кунед:**

| Намуди фаъолият | Кадом салоҳиятҳои асосӣ рушд меёбанд | Кадом шаклҳои кор истифода мешаванд | Чиро метавон беҳтар кард |
|---|---|---|---|

### Машғулияти амалии 2: Лоиҳакашии вазъияти таълимӣ бо салоҳиятҳои асосӣ

**Ҳадаф:** Таҳияи порчаи дарс ё машғулияти беруназсинфӣ, ки дар он салоҳиятҳои салоҳиятҳои асосӣ мақсаднок рушд дода мешаванд.

**Супориш:**

1. Яке аз фанҳои таълимӣ як мавзуъро интихоб намоед (масалан, «Об дар табиат» — табиатшиносӣ, «Буҷаи оилавӣ» — математика).
2. Муайян намоед, ки кадоме аз салоҳиятҳои асосиро мехоҳед дар ин лаҳза рушд диҳед.
3. Як вазъияти таълимӣ ё лоиҳаи хурд таҳия намоед, ки дар он:
   - хонандагон дар гурӯҳҳо кор мекунанд;
   - масъалаи амалӣ ҳал мекунанд;
   - аз равишҳои эҷодӣ ва таҳлилӣ истифода мебаранд;
   - натиҷаро пешниҳод мекунанд (шакли шифоҳӣ, хаттӣ ё визуалӣ).

Ҷадвалро пур кунед:

| Фан / мавзуъ | Ҳадафи супориш | Кадом салоҳиятҳои асосӣ рушд меёбанд | Шакли кор | Натиҷаи интизоршаванда |
|---|---|---|---|---|

**3. Дар гурӯҳ муҳокима намоед, ки чӣ гуна метавон рушди салоҳиятҳои асосиро дар ин супориш арзёбӣ кард (масалан, бо истифодаи чек-лист, худбаҳогузорӣ ва мушоҳида).**

# МАВЗУИ 2

## Тафаккури интиқодӣ, эҷодкорӣ, муоширaт ва ҳамкорӣ дар таълим, фаъолияти берунaзсинфӣ ва лоиҳавӣ

**Чиро донистан муҳим аст?**

- **Тафаккури интиқодӣ.** Қобилияти таҳлили иттилоот, ошкор кардани зиддиятҳо, арзёбии далелҳо ва баровардани хулосаҳои асоснок.
- **Эҷодкорӣ.** Маҳорат дар тавлиди ғояҳои нав, ёфтани роҳҳои ғайристандартии ҳалли масъалаҳо ва татбиқи дониш дар шароити нав.
- **Муошират.** Қобилияти равшан баён кардани андешаҳо, гӯш кардани дигарон, фаҳмидан ва фаҳмонидан.
- **Ҳамкорӣ.** Қобилияти кор дар гурӯҳ, расидан ба мувофиқа, тақсими вазифаҳо ва расидан ба ҳадафҳои умумӣ.

**Чиро бояд тавонем?**

- Таҳлили маводди таълимӣ, тартиб додани саволҳо, ошкор кардани хатоҳои мантиқӣ ва асоснок кардани нуқтаи назар ҳангоми баррасии мавзуъҳо, ҳалли масъалаҳо ва ҳимояи лоиҳаҳо.
- Тавлиди ғояҳо, истифодаи хаёл, мутобиқ шудан ба шароити нав ва ёфтани роҳҳои ғайристандартӣ дар доираи супоришҳои эҷодӣ, таҳқиқотӣ ва лоиҳавӣ.
- Муоширати самаранок — шифоҳӣ, хаттӣ ва тавассути платформаҳои рақамӣ; гӯш кардани ҳамсинфон, додан ва қабул кардани фикру мулоҳизаҳо ҳангоми кори муштарак ва муҳокимаи натиҷаҳо.
- Кор дар гурӯҳ: тақсими вазифаҳо, расидан ба мувофиқа, ҳалли созандаи низоъҳо ва нигоҳ доштани рӯҳи дастаҷамъӣ ҳангоми иҷрои лоиҳаҳои таълимӣ ва берунaзсинфӣ.

**Чӣ гуна инро дар таълим ва лоиҳаҳо истифода бурдан мумкин аст?**

- **Дар дарсҳо:** истифодаи баҳсҳо, таҳлили кейсҳо, супоришҳои таҳқиқотӣ, мубоҳиса ва бозиҳои нақшофарӣ.
- **Дар фаъолияти берунaзсинфӣ:** ташкили клубҳои шавқовар, устохонаҳои эҷодӣ, ташаббусҳои ихтиёрӣ.
- **Дар фаъолияти лоиҳавӣ:** таҳия ва татбиқи лоиҳаҳои воқеӣ, ки ба ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ, экологӣ ё таълимӣ равона шудаанд, бо пешниҳоди натиҷаҳо дар охир.

**НАТИҶАҲОИ ТАЪЛИМ**

Пас аз омӯзиши мавзуъ метавонед:

1. Назорат ва ҳамроҳсозии татбиқи салоҳиятҳои асосиро дар раванди таълимӣ тавассути баҳсҳо, кейсҳо, супоришҳои лоиҳавӣ ва усулҳои интерактивӣ ба роҳ монед.
2. Клубҳо, намоишҳои театрӣ, ҳафтаҳои фаннӣ, озмунҳои эҷодӣ ва бозиҳои дастаҷамъонаро ташкил намоед, ки ба рушди ҳамаи салоҳиятҳои асосӣ мусоидат кунед.
3. Назорат ва ҳамроҳсозии лоиҳаҳои таҳқиқотӣ, иҷтимоӣ ва технологиро ба ухда гиред, ки ҳамкорӣ, роҳбарӣ ва тафаккури инноватсиониро рушд диҳед.
4. Барои рушди устувори салоҳиятҳои асосӣ дар муҳити мактабӣ тавассути ҳамгироии он ба шаклҳои таълимӣ, берунaзсинфӣ ва лоиҳавӣ шароит эҷод кунед.

## Муқаддима

**Тафаккури интиқодӣ, эҷодкорӣ, муошират ва ҳамкорӣ** салоҳиятҳои калидии асри XXI мебошанд, ки заминаи шахсияти муваффақро дар ҷаҳони босуръат тағйирёбанда ташкил медиҳанд. Ин салоҳиятҳо на танҳо ба дастовардҳои академикӣ қувват мебахшанд, балки хонандагонро барои зиндагӣ дар шароити ноустувор, тағйироти технологӣ ва чолишҳои ҷаҳонӣ омода месозанд.

Муассисаи таълимии муосир бояд ба муҳите табдил ёбад, ки дар он салоҳиятҳо на ба таври лаҳзавӣ, балки ба таври системавӣ тавассути дарсҳо, фаъолиятҳои беруназсинфӣ ва шаклҳои лоиҳавӣ рушд ёбанд. Ин аз омӯзгорон ва роҳбарони муассисаҳои таълимӣ равишҳои нави банақшагирӣ, ташкили раванд ва арзёбии таълимро талаб мекунад.

Мавзуи мазкур ба он равона шудааст, ки директорони муассиса ва омӯзгоронро бо воситаҳои амалӣ барои татбиқи салоҳиятҳои асосӣ дар амалияи ҳаррӯзаи таълимӣ мусаллаҳ созад. Мо баррасӣ хоҳем кард, ки чӣ гуна шароит барои рушди ин малакаҳо фароҳам овардан мумкин аст, чӣ гуна онҳоро ба дарсҳо ва фаъолиятҳои беруназсинфӣ ҳамгиро кардан лозим аст ва чӣ гуна фаъолияти лоиҳавӣ метавонад ба механизми пуриқтидори ташаккули тафаккури интиқодӣ, эҷодкорӣ, муошират самаранок ва кори дастаҷамъона табдил ёбад.

## Шарҳи мафҳумҳои асосӣ

**Салоҳиятҳои байнифаннӣ** — салоҳиятҳои ҳаматарафа, ки аз доираи як фанн берун мераванд. Ба онҳо қобилияти омӯзиш, кор дар гурӯҳ, ҳалли масъалаҳои ғайристандартӣ ва истифодаи технологияҳои рақамӣ дохил мешаванд. Салоҳиятҳои асосӣ дар маркази равиши байнифаннӣ қарор доранд.

**Фаъолияти лоиҳавӣ** — шакли ташкили таълим, ки дар он хонандагон мустақилона ё дар гурӯҳ масъалаи амалиеро ҳал мекунанд ва тамоми марҳилаҳоро аз муайян кардани ҳадаф то пешниҳоди натиҷа мегузаранд. Ин як абзори пуриқтидори рушди салоҳиятҳои калидӣ мебошад, зеро таҳлил, эҷодкорӣ, муошират ва ҳамкориро талаб мекунад.

**Фаъолияти беруназсинфӣ** — ин фаъолиятҳои таълимие мебошанд, ки берун аз доираи дарсҳо сурат мегиранд: маҳфилҳо, клубҳо, озмунҳо, сайру саёҳатҳо, намоишҳои театрӣ ва ғайра. Он муҳити тағйирпазир ва камтар расмиро фароҳам меорад, ки дар он салоҳиятҳо ба таври табиӣ рушд меёбанд.

**Муҳити таълим** — маҷмӯи шароитҳо, захираҳо ва шаклҳои ҳамкорист, ки ба таълим ва рушди шахсият мусоидат мекунанд. Муҳите, ки ба рушди салоҳиятҳои асосӣ равона шудааст, ташаббус, ҳамкорӣ, кушодагиро ба ғояҳои нав ва эҳтиром ба андешаҳои дигарон ташвиқ мекунад.

**Арзёбии ташаккулдиҳанда** — равиши арзёбиест, ки на танҳо ба натиҷа, балки ба дастгирии раванди омӯзиш равона шудааст. Дар салоҳиятҳои калидӣ он худбаҳогузорӣ, фикру мулоҳизаи мутақобила, мушоҳидаи рушди малакаҳо ва ислоҳи масири таълимиро дар бар мегирад.

## МАШҒУЛИЯТИ 1

### НАТИҶАҲОИ ТАЪЛИМ:

1. **Мушаххас фаҳмондан ва тавзеҳ додан**, ки тафаккури интиқодӣ, эҷодкорӣ, муошират ва ҳамкорӣ чист ва чаро онҳо малакаҳои калидии асри XXI ба ҳисоб мераванд.
2. **Дарк кардан**, ки чӣ гуна салоҳиятҳои асосӣ метавонанд ба дарсҳо, фаъолиятҳои беруназсинфӣ ва лоиҳаҳои мактабӣ ҳамгиро шаванд ва арзише барои рушди хонандагон дошта бошанд.
3. **Муайян намудан**, ки кадом шаклҳои кор ва усулҳоро аллакай истифода мебаранд ё метавонанд барои рушди салоҳиятҳои асосӣ дар муҳити таълимии худ татбиқ намоянд.



### АЗ МИСОЛҲОИ ОДӢ ОҒОЗ МЕКУНЕМ

**Чиро медонед ва мефаҳмед?**

**Супоришҳо барои санҷиши донишҳои ибтидоӣ**

**1. Дуруст/Нодуруст:**

- Тафаккури интиқодӣ маънои ёфтани ҷавоби ягонаи дурустро дорад.
- Муошират танҳо муошират шифоҳӣ байни одамон аст.
- Ҳамкорӣ танҳо дар кори лоиҳавӣ муҳим аст, дар таълим он ҳатмӣ нест.

**2. Шумо аллакай чӣ медонед?**

- Кадом усулҳоро шумо аллакай барои рушди салоҳиятҳои асосӣ дар байни хонандагон истифода мебаред?
- Кадом намунаҳои таҷрибаи муваффақи ҳамгироии салоҳиятҳои асосӣ ба барномаи таълимиро медонед?

**Тести 1:**
**Савол: Кадоме аз шарҳҳои зерин ба тафаккури интиқодӣ тааллуқ дорад?**

1. Ҷустуҷӯйи роҳҳои ғайристандартӣ
2. Арзёбии иттилоот ва қабули қарорҳои асоснок
3. Кор дар гурӯҳ
4. Тафаккури эҷодӣ

**Тести 2:**
**Савол: Кадом усул ба рушди салоҳияти ҳамкорӣ дар байни хонандагон беҳтар мусоидат мекунад?**

1. Супоришҳои инфиродӣ
2. Лоиҳаҳои гурӯҳӣ
3. Тесткунонии дониш
4. Лексияҳо

**Саволҳо барои фаъолсозии таҷрибаи директорон:**

1. Шумо рушди тафаккури интиқодиро дар муасссиаи худ чӣ гуна арзёбӣ мекунед?
2. Кадом шаклҳои кори дастаҷамъона дар амалияи шумо самаранoктаранд?
3. Кадом усулҳои инноватсионии таълимӣ аллакай барои рушди эҷодкорӣ ва муошират дар мактаби шумо татбиқ шудаанд?

## ЧИРО БОЯД ДОНЕД?

**Варақаи иттилоотии 4.2-ро бо диққат хонда, сатҳи фаҳмиши худро тавассути варақаи баҳодиҳии 4.1. санҷед.**

**Варақаи иттилоотии 1.1**

*«Қобилияти инноватсионӣ маҳорат дар эҷоди ғояҳои нав ва татбиқи онҳо барои ҳалли масъалаҳо ба таври эҷодӣ мебошад. Имрӯз, салоҳиятҳое мисли тафаккури интиқодӣ, муошират ва ҳамкорӣ аз донишҳои академикӣ муҳимтар ба ҳисоб меравand»*

***Тонӣ Вагнер, коршиноси соҳаи маориф ва инноватсия[1]***

### *1. РУШДИ САЛОҲИЯТҲОИ АСОСӢ ДАР ТАЪЛИМ*

**Тафаккури интиқодӣ**

Барои рушди тафаккури интиқодӣ муҳим аст:

- Пешниҳоди саволҳои кушода - таҳлил ва ҷустуҷӯйи роҳҳои ҳалли масъалаҳоро ташвиқ мекунад.
- Кор бо кейсҳо - вазъиятҳои воқеӣ тафаккури мантиқиро талаб мекунанд.
- Гузаронидани баҳсҳо - омӯзиши асоснок кардани нуқтаи назар.

**Эҷодкорӣ**

Эҷодкориро метавон тавассути усулҳои зерин рушд дод:

- Ангезиши зеҳн - ҷустуҷӯйи роҳҳои ғайристандартӣ.
- Усулҳои бозӣ - бозиҳои нақшофарӣ ва симулятсияҳо (моделсозӣ, пешнамоиши амалӣ).
- Омӯзиши лоиҳавӣ - тавлиди ғояҳо ва маҳсулоти нав.

**Муошират**

Малакаҳои муоширатро метавон такмил дод бо:

- Муҳокимаҳои гурӯҳӣ - мубодилаи андешаҳо ва асосноккунии фикрҳо.
- Усули «Омӯз, омӯзон» - фаҳмондани мавод ба дигарон.
- Рӯйнамоҳо - рушди малакаҳои суханронии оммавӣ.

**Ҳамкорӣ**

Ҳамкорӣ тавассути:

- лоиҳаҳои гурӯҳӣ - тақсими вазифаҳо ва масъулиятҳо;
- усули «Карусел» - муҳокимаи саволҳо дар гурӯҳҳои хурд;
- омӯзиши кооперативӣ - иҷрои муштараки супоришҳо ташаккул меёбад.

**Ҷадвали 1. Усулҳо ва рушди салоҳиятҳои асосӣ**

| Фан | Усулҳо ва равишҳои таълимӣ | Салоҳиятҳои асосӣ, ки рушд меёбанд |
|---|---|---|
| **Математика** | - Масъалаҳои кушода бо чанд роҳи ҳал<br>- Лоиҳаҳои гурӯҳӣ (моделсозии объектҳо)<br>- Бозии таълимӣ ё фароғатӣ, ҳалли муаммо ва бозиҳои математикӣ | Тафаккури интиқодӣ, ҳамкорӣ, эҷодкорӣ, муошират |
| **Адабиёт** | - Тафсири алтернативии асарҳо<br>- Баҳсҳо оид ба китобҳо<br>- Таҳлили гурӯҳии матн | Эҷодкорӣ, тафаккури интиқодӣ, муошират, ҳамкорӣ |
| **Фанҳои табиӣ** | - Лоиҳаҳои таҳқиқотӣ<br>- Таҷрибаҳои илмӣ | Тафаккури интиқодӣ, ҳамкорӣ |

[1] https://quotesanity.com/quotes-about-collaboration-in-education.

| | | |
|---|---|---|
| *(физика, химия, биология)* | Реаксияи кислота бо металл ва ташаккули газ, физика -сохтани модели системаи механикӣ (масалан, блок ва шкив), Мушоҳидаи ҳуҷайра бо микроскоп | Тафаккури интиқодӣ, ҳамкорӣ, эҷодкорӣ |
| **Таърих** | - Усули кейс (таҳлили рӯйдодҳо аз нуқтаҳои назари гуногун)<br>- Бозиҳои нақшофарӣ (музокироти таърихӣ)<br>- Лоиҳаҳо, (харитаҳо, хроникаҳо) | Тафаккури интиқодӣ, муоширaт, ҳамкорӣ, эҷодкорӣ |
| **Забонҳои хориҷӣ** | - Супоришҳои гурӯҳӣ (видеороликҳо)<br>- Имитатсияи вазъиятҳои воқеӣ (мусоҳиба, музокира) | Муошират, ҳамкорӣ, тафаккури интиқодӣ |

**Якчанд усулҳои амалӣ барои рушди салоҳиятҳои асосӣ дар таълим**

***1. Харитаи тафаккури интиқодӣ***

**Чӣ гуна истифода бурдан:**

Ба хонандагон ҷадвале пешниҳод кунед, ки саволҳои зерин дорад, масалан:

- «Ман чиро медонам?», «Кадом далелҳо мавҷуданд?», «Кадом андешаҳои алтернативӣ мавҷуданд?»
- Хонандагон бояд иттилоотро таҳлил кунанд ва далелҳои худро асоснок намоянд.

**Рушд медиҳад:** Тафаккури интиқодӣ, қобилияти таҳлил ва асосноккунии андешаҳо.

***2. Кортҳо барои баҳс***

**Чӣ гуна истифода бурдан:**

- Ба хонандагон кортҳо бо мавзуъҳо диҳед (масалан: «Чӣ гуна технологияҳо маорифро тағйир медиҳанд?»).
- Онҳо бояд мавзуъро дар дунафараҳо ё гурӯҳҳо муҳокима кунанд, то муоширатро рушд диҳанд.

**Хондани мустақил бо усули ИНСЕРТ.** Шарҳи аломатҳо: V — Ман инро медонам, + — Ин маълумоти нав аст , ✗ — Ман фикр мекардам, ки дигар хел аст, ? — Ман намефаҳмам, лозим аст равшан шавад

**Ҷадвал 2. Феълҳо ва амалҳо барои рушди ҳар як аз салоҳиятҳои асосӣ**

| **Тафаккури интиқодӣ**<br>***Таҳлил- муқоиса - хулоса*** | **Эҷодкорӣ**<br>**Тасаввур - ақида - навгонӣ** |
|---|---|
| ✓ Қиёс кунед… | ✓ Ихтироъ кунед … |
| ✓ Таҳлил намоед… | ✓ Тасаввур кун, ки ту… |
| ✓ Исбот кунед… | ✓ Аз мавкеи дигар навис… |
| ✓ Сабабро муайян намо… | ✓ Матн/овеза/мактуб эҷод кун… |
| ✓ Ғалат ё зиддиятро пайдо кунед… | ✓ Роҳи ғайриоддиро ҷустуҷӯ кунед… |
| ✓ Дурустии маълумотро арзёбӣ намоед… | ✓ Метафора ё рамз истифода баред… |
| ✓ Оқибатҳоро пешгӯйӣ намоед… | ✓ Андеша кун, ки чӣ гуна дигар хел мешавад… |
| ✓ Версияҳоро муқоиса намоед… | ✓ Алтернатив пешниҳод кун… |
| ✓ Андешаи худро асоснок кунед… | ✓ Шартро тағйир деҳ, то ки… |
| **Муошират**<br>**Ба шакл даровардан – баён кардан - муколама** | **Ҳамкорӣ**<br>**Дастаҷамъона амал кардан-нақш – мувофиқа кардан** |
| - Фикри худро баён кунед… | - Дар гурӯҳ муҳокима кунед… |
| - Баромади кӯтоҳ омода кунед… | - Дар бораи шакли кор мувофиқа ҳосил кунед… |
| - Бо суханони худ фаҳмонед… | - Вазифаҳоро тақсим кунед… |
| - Шарҳи кӯтоҳ нависед… | - Якҷоя тахия кунед… |

| | |
|---|---|
| - Тасаввур кун, ки чӣ гуна нақл мекардӣ… | - Ба ҳамсабақ кумак расонед… |
| - Савол пешниҳод кунед… | - Қарорро мувофиқа кунед… |
| - Ба андешаи дигарон ҷавоб деҳ… | - Сенария ё хронология таҳия кунед… |
| - Аз номи қаҳрамон муколама барпо кунед… | - Ҳуҷҷати умумӣ омода созед… |
| **Маҳорати омӯхтан** | |
| - Ҳадаф гузоред… | - Пешрафти худро арзёбӣ намо… |
| - Муайян кунед, ки чӣ медонӣ… | - Хулоса барор: чӣ кумак кард / чӣ халал расонд… |
| - Савол кун, ки чӣ нофаҳмо монд… | - Пешниҳод кун, ки чӣ гуна усули худро беҳтар созӣ… |
| - Ҷое, ки хато кардӣ, пайдо кунед… | - Савол кун, ки боз чӣ омӯхтан мумкин аст… |
| - Стратегия интихоб кунед… | |
| - Фаҳмон, ки чӣ гуна ба ҳалли масъала расидӣ… | |

**Ҷадвал 3. Абзорҳои методӣ барои рушди салоҳиятҳои асосӣ**

| Номи усул | Ҳадаф | Қадамҳо |
|---|---|---|
| **1. «Бовар дорам – не»** | Рушди малакаи шубҳа ва таҳлили изҳорот | **1. Муаллим як қатор изҳорот пешниҳод мекунад (дуруст ва баҳсбарангез)** Хонандагон қайд мекунанд: бовар дорам / не / мутмаин нестам. Муҳокима дар дунафараҳо ё синф: дуруст/нодуруст |
| **2. «Се далел»** | Омӯзиши асоснок кардани андеша | **1. Хонандагон як изҳорот мегиранд.** 2. Се далел ба тарафдорӣ ё зид пешниҳод мекунанд. Далелҳоро бо дигарон муқоиса мекунанд. |
| **3. «Саволҳои сода ва мураккаб»** | Омӯзиши тартиб додани саволҳо | **2. Рӯйхати саволҳоро мегиранд.** Ба саволҳои сода ва мураккаб (таҳлилӣ) ҷудо мекунанд. Саволҳои навъи кушодаи худро месозанд. |
| **4. «Гӯш кун – такрор кун»** | Рушди фаҳмиш ва тағйири додани тарзи баён | **1. Яке фикрашро мегӯяд**. Дигаре онро бо суханони худ такрор мекунад ва савол медиҳад. Нақшҳоро иваз мекунанд. |
| **5. Муҳокимаи хурди дунафарӣ** | Омӯзиши суханронии кӯтоҳ ва равшан | 1. **Саволи баҳсбарангез пешниҳод мешавад.** Ҷуфтҳо 3–5 дақиқа муҳокима мекунанд. Бо ҷуфти дигар мавқеъҳоро иваз мекунанд. |
| **6. «Комикс (расм) дар мавзуъ»** | Усули тасвири эҷодии мазмун | 1. **Мавзуъ ё сюжет интихоб мекунанд.** Ба саҳнаҳо ҷудо мекунанд ва ба намоиши усули тасвир табдил медиҳанд. Муаррифӣ бо шарҳи образҳо. |
| **7. «Таърихи алтернативӣ»** | Рушди андешаи ғайристандартӣ | *1.* **Ҳодисаи таърихӣ ё иҷтимоӣ дода мешавад.** Роҳи дигари рушди воқеаро пешниҳод мекунанд. Оқибатҳоро тавсиф медиҳанд. |
| **8. «Харитаи ақл»** | Тасвири тафаккури «харитаи ақл» | 1. **Дар марказ — мафҳуми калидӣ** Аз он шохаҳо бо ғояҳо, мисолҳо, саволҳо. Кор дар дунафараҳо ё гурӯҳҳо. |

## 2. *МУШОҲИДА ВА ТАҲЛИЛИ ДАРС БАРОИ РУШДИ САЛОҲИЯТҲОИ АСОСӢ*

Ҷадвали зер ба шумо кӯмак мекунад, арзёбӣ намоед, ки то чӣ андоза дарс ба рушди **тафаккури интиқодӣ, эҷодкорӣ, муошират ва ҳамкорӣ** дар байни хонандагон мусоидат мекунад.

**Ҷадвали 4**

| Салоҳият | Мутобиқат надорад | Пурра мутобиқат мекунад |
|---|---|---|
| **Тафаккури интиқодӣ** | **Ба хонандагон имконият барои таҳлили вазъиятҳо, баррасии масъалаҳо ё пешниҳоди роҳҳои ҳалли онҳо дода намешавад**:<br>• Омӯзгор супоришҳо барои муқоисаи нуқтаҳои назари гуногун ё баҳс пешниҳод намекунад.<br>• Таҳлили иттилоот ва банақшагирии ҳалли масъалаҳо вуҷуд надорад. | **Хонандагон фаъолона масъалаҳоро таҳлил мекунанд, тарафҳои мусбат ва манфии роҳҳои гуногунро меҷӯянд**.<br>• Омӯзгор супоришҳое пешниҳод мекунад, ки баррасӣ ва тафаккури интиқодиро ташвиқ мекунанд.<br>• Дар синф имконият барои таҳқиқ, пешгӯйӣ ва рефлексия мавҷуд аст. |
| **Муошират** | **Ба хонандагон имконият барои баён кардани фикр дода намешавад**. Омӯзгор зиёдтар аз хонандагон сухан мегӯяд.<br>• Муошират фаъол ва мубодилаи андешаҳо вуҷуд надорад.<br>• Омӯзгор ба хонандагон гӯш намедиҳад, хонандагони шармгин имкони баён надоранд. | **Хонандагон озодона фикрҳои худро баён мекунанд, дар баррасиҳо иштирок мекунанд.**<br>• Омӯзгор ба хонандагон фаъолона гӯш медиҳад ва андешаҳои онҳоро дастгирӣ мекунад.<br>• Ҳамаи хонандагон якдигарро эҳтиром мекунанд ва сухани созанда истифода мебаранд.<br>• Ҳатто хонандагони шармгин имкони иштирок доранд. |
| **Эҷодкорӣ** | **Ба хонандагон имконият барои кори эҷодӣ дода намешавад.**<br>• Омӯзгор танҳо ба интиқоли дониш тамаркуз мекунад.<br>• Ҷой барои намоиши корҳои эҷодӣ вуҷуд надорад.<br>• Ба хонандагон супоришҳо барои ҷустуҷӯйи роҳҳои нав пешниҳод намешавад. | **Омӯзгор хонандагонро ба тавлиди ғояҳо ташвиқ мекунад.**<br>• Супоришҳо барои тафаккури эҷодӣ мавҷуданд.<br>• Хонандагон роҳҳои ғайристандартиро меҷӯянд ва лоиҳаҳо эҷод мекунанд.<br>• Омӯзгор муносибати эҷодкоронаро дастгирӣ мекунад ва ба рушди тасаввурот мусоидат мекунад. |
| **Ҳамкорӣ** | **Ҳамкории байни хонандагон хеле кам аст.**<br>• Кор дар гурӯҳ ё супоришҳои дастаӣ вуҷуд надоранд.<br>• Омӯзгор кори гурӯҳиро ташкил намекунад.<br>• Услуби таълим бештар инфиродӣ аст. | **Хонандагон дар гурӯҳҳо кор мекунанд ва масъалаҳоро якҷоя ҳал мекунанд**.<br>• Омӯзгор кори ҷуфтӣ ва гурӯҳиро ташкил мекунад.<br>• Муҳокимаҳо, тақсими вазифаҳо ва кумаки мутақобила васеъ истифода мешаванд.<br>• Муҳити синф ҳамкорӣ ва кори дастаиро дастгирӣ мекунад. |

## 3. *ТАФАККУРИ ИНТИҚОДӢ, ЭҶОДКОРӢ, МУОШИРАТ ВА ҲАМКОРӢ ДАР ФАЪОЛИЯТИ БЕРУНАЗСИНФӢ.*

*ШАКЛҲОИ АСОСИИ ФАЪОЛИЯТИ БЕРУНАЗСИНФӢ*

1. **Клубҳо ва маҳфилҳо -** клубҳои баҳсӣ, студияҳои адабӣ, лабораторияҳои муҳандисӣ, бахшҳои рассомӣ.
2. **Фаъолияти эҷодӣ -** намоишномаҳои театрӣ, осорхонаҳо, фестивалҳо, озмунҳо.
3. **Чорабиниҳои варзишӣ -** бозиҳои дастаӣ, саёҳатҳо, машқҳо барои рушди роҳбарӣ.
4. **Чорабиниҳои хайриявӣ ва ризо**корона–- аксияҳои экологӣ, кумак ба бунёдҳои хайриявӣ, роҳнамоӣ ба дигарон.
5. **Конфронсҳои илмӣ -** иштирок дар баҳсҳо, мусобиқаҳо, муҳокимаҳои илмӣ.

**Ҳар яке аз ин шаклҳоро метавон ба тавре сохтор дод, ки ба рушди тафаккури интиқодӣ, эҷодкорӣ, муошират ва ҳамкорӣ мусоидат намояд.**

**1. Клубҳои мунозира**

**Сенария:** Хонандагон мавзуи муҳимро интихоб мекунанд (экология, технология, мушкилоти иҷтимоӣ) ва баҳс мегузаронанд.

- **Тафаккури интиқодӣ** – таҳлили далелҳо, арзёбии дурустии иттилоот
- **Эҷодкорӣ** – ҷустуҷӯйи роҳҳои ғайристандартии асосноккунӣ
- **Муошират** – ҳимояи нуқтаи назар дар назди аудитория
- **Ҳамкорӣ** – кори дастаӣ ҳангоми омодасозии тезисҳо

**2. Фаъолияти эҷодӣ (театр, фестивалҳо, маҳфилҳои рассомӣ)**

**Сенария:** Хонандагон намоишнома ё намоишгоҳи эҷодӣ дар мавзуи муайян омода мекунанд.

- **Тафаккури интиқодӣ** – интихоби мавзуъ, таҳлили аҳамияти иҷтимоии он
- **Эҷодкорӣ** – таҳияи сенарияи нодир ва консепсияи визуалӣ
- **Муошират** – машқҳо, кор бо ифодаи ҳиссиёт
- **Ҳамкорӣ** – тақсими нақшҳо, кори дастаҷамъона.

**3. Чорабиниҳои варзишӣ ва бозиҳои дастаӣ**

**Сценария:** Хонандагон стратегияи ғалабаро таҳия мекунанд ва баъдан натиҷаро таҳлил менамоянд.

- **Тафаккури интиқодӣ** – таҳияи тактикаи бозӣ
- **Эҷодкорӣ** – роҳҳои ғайриодии ҳамоҳангсозии амалҳо
- **Муошират** – ҳамкории дақиқии бозингарон
- **Ҳамкорӣ** – рушди руҳи дастаӣ

**4. Лоиҳаҳои ризокорон (ташаббусҳои иҷтимоӣ, барномаҳои хайриявӣ)**

**Сенария:** Хонандагон як аксия ташкил мекунанд (масалан, ҷамъоварии китобҳо барои китобхонаҳо) ва лоиҳаро амалӣ месозанд. Ҳангоми таҳияи нақшаи солонаи фаъолияти берунаазсинфӣ, ба директор лозим аст, ки ба ҳадафҳои таълимии замонавӣ, манфиатҳои хонандагон ва ниёзҳои ҷомеа такя намояд.

**2. Шаклҳои чорабинӣ**

Барои ҳар як мавзуъ метавон шаклҳои гуногуни фаъолиятро истифода бурд, то ки таълим ҷолиб ва фаъол боқӣ монад:

- **Клубҳо ва маҳфилҳо** (баҳсӣ, илмӣ, адабӣ, варзишӣ)
- **Кори лоиҳавӣ** (лоиҳаҳои таҳқиқотӣ, иҷтимоӣ, технологӣ)
- **Фестивалҳои эҷодӣ** (намоишномаҳо, намоишгоҳҳо, озмунҳо)
- **Чорабиниҳои варзишӣ (**мусобиқаҳо, машқҳои дастаӣ)
- **Ташаббусҳои ризокорӣ (**экологӣ, иҷтимоӣ, роҳнамоӣ)

**3. Намунаи нақшаи тақвими солонаи чорабиниҳои муассиса бо мақсади рушди салоҳиятҳо**

| Моҳ | **Мавзуъ** | **Чорабинӣ** | **Салоҳият 4К** |
|---|---|---|---|
| Сентябр | Экология ва рушди устувор | Аксияи «Маҳаллаи тоза», таҳқиқи мушкилоти экологӣ | Тафаккури интиқодӣ, ҳамкорӣ |
| Октябр | STEM ва технология | Лоиҳаҳои IT | Тафаккури интиқодӣ, эҷодкорӣ |
| Ноябр | Санъат ва худифодакунии эҷодӣ | Фестивали театрӣ, намоишгоҳ | Эҷодкорӣ, ҳамкорӣ |
| Декабр | Самтгирии касбӣ | Мулоқот бо мутахассисон, моделсозии касб | Тафаккури интиқодӣ, муошират |
| Январ | Ризокорӣ ва лоиҳаҳои иҷтимоӣ | Кумак ба ҷомеа, роҳнамоӣ | Ҳамкорӣ, муошират |
| Феврал | Рушди варзишӣ | Мусобиқаҳои дастаӣ | Ҳамкорӣ, эҷодкорӣ |
| Март | Лоиҳаҳои ҷамъбастӣ ва худинъикоскунӣ | Ҳимояи корҳои таҳқиқотӣ | Тафаккури интиқодӣ, муошират |

## *4. ҲАФТАҲОИ МАВЗУӢ ВА РУШДИ САЛОҲИЯТҲОИ АСОСӢ*

**Гузаронидани ҳафтаҳои мавзӯӣ дар муассисаи таълимӣ** — ин як усули муассири рушди 4К-салоҳиятҳо мебошад. Онҳо ба хонандагон имконият медиҳанд, ки малакаҳои муҳими асри XXI-ро дар муҳити эҷодӣ ва амалии фаннӣ инкишоф диҳанд.

Намунаи **ҳафтаҳои мавзӯӣ**

| **№** | **Номи ҳафта** | **Тамаркуз ва муҳтаво** | **Намунаҳои чорабиниҳо** |
|---|---|---|---|
| 1 | Ҳафтаи худифодакунии эҷодӣ | Санъат, театр, дизайн, навишти эҷодӣ | Фестивали навишти креативӣ, намоишномаҳои хонандагон, лоиҳаҳои рассомӣ |
| 2 | Ҳафтаи экология ва рушди устувор | Масъулияти иҷтимоӣ, тафаккури устувор, нигоҳубини табиат | Лоиҳаҳои экологӣ, таҳқиқи мушкилоти муҳити зист, озмуни ғояҳои сабз |
| 3 | Ҳафтаи математика | Математика дар зиндагӣ, мантиқ, моделсозӣ | Мусобиқаи масъалаҳо, лоиҳаи «Математика дар атрофи мо», таҳқиқи қонуниятҳо дар табиат |
| 4 | Ҳафтаи фанҳои табиӣ | Таҷрибаҳо, тафаккури илмӣ, таҳқиқоти экологӣ | Озмоишҳои лабораторӣ, муҳокимаҳои илмӣ, лоиҳаҳои муҳити зист |
| 5 | Ҳафтаи таърих ва ҷомеашиносӣ | Таҳлили гузашта, масъалаҳои иҷтимоӣ, тафаккури таърихӣ | Сенарияҳои алтернативӣ, симулятсияи музокираҳо, таҳқиқи мавзуъҳои иҷтимоӣ |
| 6 | Ҳафтаи забонҳои хориҷӣ | Муошрати байнифарҳангӣ, таҷрибаи забонӣ, тафаккури глобалӣ | Намоишномаҳо, баҳсҳо бо забони хориҷӣ, рунамоҳои фарҳангӣ |

## 5. *ТАФАККУРИ ИНТИҚОДӢ, ЭҶОДКОРӢ, МУОШИРАТ ВА ҲАМКОРӢ ДАР ФАЪОЛИЯТИ ЛОИҲАВӢ*

### Фаъолияти лоиҳавӣ — муҳити табиии рушди салоҳиятҳои асосӣ

**Фаъолияти лоиҳавӣ** яке аз шаклҳои маъмултарини ташкили раванди таълимиест, ки ба хонанда нигаронида шудааст ва ба ӯ имконият медиҳад, ки фаъол ва мустақил бошад.



Дар мактаби муосир таҷрибаи кофии кор бо усули лоиҳаҳои таълимӣ ташаккул ёфтааст. Ин усул беш аз сад сол пеш аз ҷониби Ҷон Дьюи пешниҳод шуда буд ва имрӯз шаклҳои татбиқи он дар сарчашмаҳои гуногун таҳлил ва тавсиф шудаанд. Мо танҳо як намунаи чунин тавсифро меорем, ки дар стандарти таълимии Ҳонконг пешниҳод шудааст. Сабаби интихоби ин манбаъ дар он аст, ки ин стандарт ба ташаккули малакаҳои асри XXI равона шудааст ва нишон медиҳад, ки кадом технологияҳои педагогӣ барои расидан ба ин ҳадаф заруранд.

**Фаъолияти лоиҳавӣ ба хонандагон чӣ меомӯзонад:**

- **Кор бо масъала:** Лоиҳа аз масъала ё савол оғоз мешавад. Хонандагон бояд онро аз нуқтаҳои назари гуногун таҳлил кунанд ва роҳҳои гуногуни ҳалли онро омӯзанд. Дар ин раванд, онҳо **эҷодкорӣ**, **тафаккури интиқодӣ** ва **малакаҳои ҳалли масъала**-ро инкишоф медиҳанд.
- **Кор бо иттилоот:** Лоиҳа талаб мекунад, ки хонандагон тавонанд маълумотро ҷустуҷӯ, тартиб ва ба шаклҳои гуногун пешниҳод намоянд. Ин раванд **саводи рақамӣ**, **малакаҳои ТИК** ва **қобилияти омӯзиш**-ро рушд медиҳад.
- **Идоракунии худ ва ҳамкорӣ бо дигарон:** Лоиҳа талаб мекунад, ки хонандагон кори худро банақшагирӣ ва роҳбарӣ кунанд. Дар натиҷа, онҳо **ҳамкорӣ**, **муошират** ва **ташкилоти шахси**ро меомӯзанд.

  Ин тавсиф нишон медиҳад, ки фаъолияти лоиҳавӣ метавонад муҳити табиии рушди маърифатӣ ва ташаккули **салоҳиятҳои асосӣ** гардад.

***Сатҳҳои ташкили фаъолияти лоиҳавӣ дар мактаб***

**Сатҳи аввал (осонтарин ва маъмултарин):**

- Лоиҳаҳо дар доираи як фан иҷро мешаванд
- Лоиҳаҳо аз ҷониби омӯзгор оғоз мегарданд

**Сатҳи дуюм (миёна):**

- Лоиҳаҳо байнифаннӣ мебошанд
- Лоиҳаҳоро гурӯҳи омӯзгорон якҷоя роҳбарӣ мекунанд

**Сатҳи сеюм (баландтарин ва мукаммал):**

- Лоиҳаҳои байни фанҳо ва аксаран умумимактабӣ мебошанд
- Лоиҳаро метавонанд ҳам омӯзгорон ва ҳам хонандагон оғоз кунанд
- Лоиҳаҳо метавонанд аз ҷониби гурӯҳҳои синну соли гуногун иҷро шаванд, ки ҳар кадом як қисми лоиҳаро амалӣ месозанд

Фаъолияти лоиҳавӣ ҳамчунин бо **фаъолияти таҳқиқотӣ** зич алоқаманд аст ва метавонад ба ташаккули тафаккури таҳлилӣ ва малакаҳои амалии хонандагон мусоидат намояд.

Шаклҳои омӯзиши лоиҳавӣ




Биёед боз як иқтибос аз муаррифии мактаби шаҳри Подолски вилояти Москва биёрем. Ин мактаб дорои самти муҳандисӣ мебошад ва соли 2008 ғолиби лоиҳаи миллии «Маориф» ва соли 2009 лауреати озмуни «Беҳтарин мактабҳои Подмосковe» гардид:

**«Дар боми мактаб шумо неругоҳи офтобӣ, расадхона (обсерватория), планетария ва маркази мониторинги кайҳониро мебинед — ҳамаи ин унсурҳои муҳити ҳавасмандкунанда мебошанд».**

Расадхона ва планетария, ҳамчунин дигар таҷҳизоти баландтехнологии мактаб (таҷҳизоти лазерӣ, чопгарҳои 3D), барномаҳои компютерӣ — ҳамаи ин **техносфераи мактаб**ро ташкил медиҳанд.

Муаррифиро идома медиҳем:

**«Муҳити ҳавасмандкунандаи мактаб аз техносфера ва абзорҳои фаъолияти лоиҳавӣ ташаккул меёбад».**




Яке аз самтҳои таҳқиқот ва лоиҳаҳое, ки хонандагон анҷом медиҳанд, ба кайҳон марбут аст. Дар мактаб **корпуси бузурги астрономӣ** мавҷуд аст: маркази мониторинг, планетария, расадхона ва лабораторияи таҳқиқоти кайҳонӣ.

**Маҳсулоти лоиҳаҳои мактабӣ — ин дастгоҳҳо ва таҷҳизоти мураккабе мебошанд, ки дар ҳамкорӣ аз ҷониби хонандагон ва омӯзгорон сохта шудаанд.**




Яке аз самтҳои дигари таҳқиқот, ки атрофи он лоиҳаҳои инфиродӣ ва гурӯҳии хонандагон мутамарказ мешаванд, — **самти илмҳои табиӣ** мебошад. Пойгоҳи асосии он — **гармхона**, ё дурусттараш, **маҷмааи бузурги биоэнергетикӣ** аст, ки дар асоси панҷ манбаи барқароршавандаи энергия фаъолият мекунад. Илова ба ин, лоиҳаҳо ва таҳқиқотҳо дар **кинолаборатория**, ки дар таххонаи мактаб ҷойгир аст, низ гузаронида мешаванд. Худи гармхона низ **маҳсули як лоиҳаи умумимактабӣ** мебошад.

**«Барои обёрии гармхона мо оби боронро ҷамъ мекунем. Газро бо роҳи коркарди партовҳои ошхона истеҳсол**

**мекунем. Мо ният доштем, ки осиёбҳои бодиро харем, вале самти бодҳо ба мо мувофиқ нест, бинобар ин фикр дорем, ки онро худамон бисозем.»**

Дар **биолаборатория** як **қафас барои паррандаҳо** мавҷуд аст, ки дар он тӯтиҳо зиндагӣ мекунанд, инчунин **инкубатор**, ки дар он тухмҳои мурғ ва мурғобӣ ҷойгир карда мешаванд, ва **аквариумҳо**. Нигоҳубин ва мушоҳидаи паррандаҳо, кор дар инкубатор, мушоҳида ва таҷрибаҳо бо мавҷудоти муҳити обӣ — ҳамаи ин дар доираи **лоиҳаҳо ва таҳқиқоти илмии хонандагон** анҷом дода мешаванд.

**Мавзуи бисёре аз лоиҳаҳоро худи хонандагон пешниҳод мекунанд.**

## Ҷамъбаст: хулосаҳои асосӣ

**1. Салоҳиятҳои асосӣ - асоси таҳсилоти муосир мебошанд.** Тафаккури интиқодӣ, эҷодкорӣ, муоширату ҳамкорӣ — инҳо салоҳиятҳои универсалӣ мебошанд, ки барои мутобиқшавии муваффақона дар ҷаҳони босуръат тағйирёбанда заруранд. Онҳо донишҳои академиро иваз намекунанд, балки арзиши амалии онҳоро тақвият медиҳанд.

**2. Раванди таълим бояд ба рушди салоҳиятҳои асосӣ равона карда шавад.** Дарсҳое, ки бар асоси саволҳои кушода, баҳсҳо, супоришҳои лоиҳавӣ ва кори дастаӣ сохта мешаванд, ба ташаккули мустақилият, тағйирпазирии тафаккур ва қобилияти ҳамкорӣ мусоидат мекунанд. Салоҳиятҳои асосӣ ба хонандагон кумак мекунад, ки маводди таълимиро амиқтар дарк кунанд ва онро дар ҳолатҳои воқеӣ истифода баранд.

**3. Фаъолияти беруназдинфӣ — фазои кушод барои ифшои қобилиятҳо мебошад.** Маҳфилҳо, озмунҳо, намоишномаҳои театрӣ, баҳсҳо ва устохонаҳои эҷодӣ муҳити ғайрирасмӣ ва ҳавасмандкунандаро фароҳам меоранд, ки дар он салоҳиятҳои асосӣ ба таври табиӣ рушд мекунад. Дар ин ҷо хонандагон меомӯзанд, ки худро баён кунанд, дар гурӯҳ кор кунанд ва масъулиятро бар дӯш гиранд.

**4. Фаъолияти лоиҳавӣ — платформаи амалӣ барои салоҳиятҳои асосӣ мебошад.** Лоиҳаҳои таҳқиқотӣ, иҷтимоӣ ва эҷодӣ ба хонандагон имконият медиҳанд, ки салоҳиятҳои асосиро дар ҳалли масъалаҳои воқеӣ истифода баранд: таҳлил кунанд, фикрҳои нав пешниҳод намоянд, мувофиқа кунанд ва ғояҳоро амалӣ созанд. Ин раванд на танҳо малакаҳоро ташаккул медиҳад, балки бовар ба худ, роҳбарӣ ва ташаббусро низ инкишоф медиҳад.

**5. Нақши мактаб — фароҳам овардани муҳите мебошад, ки дар он салоҳиятҳои асосӣ ба таври системавӣ рушд мекунад.** Ҳамгироии салоҳиятҳои асосӣ ба барномаи таълимӣ, корҳои беруназдинфӣ ва лоиҳаҳои мактабӣ талаб мекунад, ки роҳбарияти муассиса ба он бо назари стратегӣ муносибат намояд. Директорони мактабҳо дар ташаккули фарҳанге, ки дар он салоҳиятҳои асосӣ ҷузъи муҳити таълимӣ мегарданд, нақши калидӣ доранд.

**6. Ин чор унсур пояи равандҳои муосири таълимиро ташкил медиҳанд** ва ба ташаккули муҳите мусоидат мекунанд, ки дар он хонандагон на танҳо дониш, балки салоҳиятҳои калидиро низ бароиояндаи муваффақ инкишоф медиҳанд.

## Саволҳо барои робитаи мутақобила

1. **Фаҳмиши ман дар бораи тафаккури интиқодӣ чӣ гуна тағйир ёфт?** Дар омӯзиш ва фаъолияти лоиҳавӣ ман акнун арзиши асосии онро дар чӣ мебинам?
2. **Эҷодкорӣ чӣ гуна ба сифати кор ва натиҷаҳо таъсир мерасонад?** Кадом усулҳо метавонанд ба ман дар рушди он дар раванди таълим кумак расонанд?
3. **Кадом ҷанбаҳои муошират барои ҳамкории самаранок муҳимтар баромаданд?** Чӣ гуна метавон онҳоро дар кори гурӯҳӣ беҳтар кард?
4. **Кадом намунаҳои ҳамкориро ман дар дарс мушоҳида кардам?** То чӣ андоза муҳим аст, ки андешаҳои дигарон ба назар гирифта шаванд ва қарорҳои муштарак қабул карда шаванд?
5. **Кадом қадамҳои мушаххасро ман метавонам барои татбиқи донишҳои гирифтаам дар амал анҷом диҳам?**

👉 ***Шакли кор:*** *ҷавобҳои хаттӣ ё муҳокима дар гурӯҳҳои хурд*

### II. Худбаҳодиҳии таҷрибаи шахсӣ

**1. Арзёбии душвориҳо**

- Бо кадом мушкилот ҳангоми татбиқи 4К рӯ ба рӯ шудам?
- Дар стратегия ва равишҳо чӣ чизро метавон беҳтар кард?

**2. Рушди салоҳиятҳо**

- Кадом малакаҳоро ман ҳамчун роҳбар тақвият додам?
- Кадом самтҳо ҳанӯз ниёз ба рушди минбаъда доранд?

**3. Татбиқи салоҳиятҳои асосӣ дар амал**

- Кадом унсурҳои салоҳиятҳои асосиро дар идоракунӣ, таълим ва лоиҳаҳо ҷорӣ кардам?
- Ин чӣ гуна ба рушди малакаҳои омӯзгорон ва хонандагон таъсир расонд?

**4. Роҳҳои такмил**

- Кадом ғояҳоро метавонам барои тақвияти салоҳиятҳои асосӣ дар мактаб амалӣ созам?
- Чӣ гуна метавон усулҳоро ба хусусиятҳои коллектив ва муҳити худ мутобиқ кард?

👉 ***Шакли кор:*** *қайдҳои инфиродӣ + мубодилаи таҷриба дар дунафараҳо*

### III. Гузариш ба амал

**1. Муайян кардани афзалиятҳо**

- Кадом ҷанбаҳои мавзуъ барои кори ман муҳимтар мебошанд?
- Кадом усулҳоро бояд дар навбати аввал истифода барам?

**2. Нақшаи амал**

- Кадом фаъолиятҳои таълимиро ман метавонам таҳия кунам, то ин малакаҳоро дар хонандагон рушд диҳам?
- Чӣ гуна беҳтар аст, ки ин салоҳиятҳоро ба дарсҳо, лоиҳаҳо ва фаъолиятҳои берунасинфӣ ворид созем?

**3. Татбиқи стратегияҳо**

- Ташкил кардани машқҳо, тренингҳо ва муҳокимаҳо барои таҳкими салоҳиятҳо.
- Истифодаи усулҳои таълими фаъол, кори гурӯҳӣ ва таҳлили вазъиятҳои таълимӣ.

## ХУДБАҲОДИҲӢ: ЧӢ ДАР ХОТИРАМ МОНД, ЧИРО ФАҲМИДАМ?

**Варақаи худбаҳодии 4.2**

**Супориши 1: Ғалатҳоро ёбед**
**Муайян кунед, ки дар кадом изҳорот ғалат мавҷуд аст:**

1. Тафаккури интиқодӣ ба қабули қарорҳо танҳо дар асоси эҳсосот кумак мекунад.
2. Эҷодкорӣ на танҳо дар раванди таълим, балки дар фаъолияти лоиҳавӣ низ муҳим аст.
3. Муошират имконият медиҳад, ки ғояҳо мубодила шаванд ва нуқтаи назар бо далел баён гардад.
4. Ҳамкорӣ қобилияти гӯш кардани дигарон ва расидан ба ҳадафҳои муштаракро дар бар мегирад.

**Супориши 2: Таърифро пур кунед**
**Ҷойҳои холиро бо калимаи дуруст пур кунед:**

1. Тафаккури интиқодӣ кумак мекунад, ки ____________________ таҳлил карда шавад ва қарорҳои огоҳона қабул шаванд.
2. Эҷодкорӣ имконият медиҳад, ки ________________ роҳҳо барои ҳалли масъалаҳо пайдо шаванд.
3. Муошират ба _________________ босифат байни иштирокчиёни раванди таълим мусоидат мекунад.
4. Ҳамкорӣ кумак мекунад, ки дар ____________ барои расидан ба ҳадафҳои умумӣ самаранок кор карда шавад.

**Супориши 3: Таҳлили вазъият**

**Вазъият:** Дар гурӯҳи лоиҳавӣ баҳс ба миён омад, ки чӣ гуна натиҷаҳои таҳқиқотро беҳтар муаррифӣ кардан мумкин аст. Яке аз иштирокчиён роҳи ғайристандартиро пешниҳод кард, вале дигарон онро хатарнок шумориданд. Дар натиҷа, гурӯҳ қарор кард, ки ҳамаи ғояҳоро муҳокима кунад ва беҳтаринро интихоб намояд.

**Савол:** Кадом салоҳият дар ин раванд истифода шуд?

**Ҷавоб:** ____________________

# МАШҒУЛИЯТИ 2

**НАТИҶАҲОИ ТАЪЛИМ:**

3. Истифода бурдани абзорҳои одии ташхиси муҳити таълимӣ.
4. Таҳияи нақшаи як тағйироти хурд дар муҳити мактаб.

## МАШҒУЛИЯТИ АМАЛӢ: АЗ МУШОҲИДА БА АМАЛ

**Машғулияти амалии 1.**

**Тартиб додани нақшаи тахминии ду ҳафтаи фаннӣ** — математика ва забонҳои хориҷӣ.

Ин ҳафтаҳо ба рушди салоҳиятҳои асосӣ мусоидат мекунанд ва раванди таълимро ҳамфаъол мегардонанд.

**Ҳафтаи фаннӣ: Математика — «Математика дар атрофи мо»**

| Рӯз | Мавзуъ | Чорабинӣ | Кадом салоҳият |
|---|---|---|---|
| Рӯзи 1 | Мантиқ ва тафаккури стратегӣ | Мусобиқаи муаммоҳои мантиқӣ | Тафаккури интиқодӣ, ҳамкорӣ |
| Рӯзи 2 | | | |
| Рӯзи 3 | | | |
| Рӯзи 4 | | | |
| Рӯзи 5 | | | |

**Ҳафтаи фаннӣ: Забонҳои хориҷӣ — «Забонҳо ҳамчун пул байни фарҳангҳо»**

| Рӯз | Мавзуъ | Чорабинӣ | Фокуси 4К |
|---|---|---|---|
| Рӯзи 1 | | | |
| Рӯзи 2 | | | |
| Рӯзи 3 | | | |
| Рӯзи 4 | | | |
| Рӯзи 5 | | | |

**Кор дар гурӯҳ:** Тартиб додани рӯйхати тахминии мавзуъҳои таҳқиқотӣ ва лоиҳавӣ барои фанҳо ва нақшаи солонаи мактаб.

**Гурӯҳи 1:** Барои фанҳои гуманитарӣ (забони модарӣ ва адабиёт)
**Гурӯҳи 2:** Барои фанҳои биология ва география
**Гурӯҳи 3:** Барои фанҳои физика, химия ва математика
**Гурӯҳи 4:** Барои таърих, ҳуқуқ ва маҳфилҳо
**Гурӯҳи 5:** Барои корҳои таҳқиқотии хонандагон

# МАВЗУИ 3

## Идоракунии шаклҳои таълим ва муҳите, ки ба ташаккули салоҳиятҳои асосӣ мусоидат мекунад

**Чиро донистан муҳим аст?**

- **Принсипҳои ташкили муҳити таълим**, ки ба рушди салоҳиятҳои асосӣ мусоидат мекунанд
- **Шаклҳои таълим**, ки ба салоҳиятҳои асосӣ равона шудаанд: таълими лоиҳавӣ, таълими проблемавӣ, таҳқиқотӣ ва даставӣ
- **Нақши муҳити мактабӣ** (физикӣ ва рақамӣ) дар дастгирии ҳамкорӣ, эҷодкорӣ ва мустақилияти хонандагон
- **Услубҳои идоракунӣ** барои ворид кардани салоҳиятҳои асосӣ ба барномаи таълимӣ, фаъолияти беруназсинфӣ ва лоиҳаҳои мактабӣ

**Чиро бояд тавонем?**

- Таҳлил ва **тағйир додани шаклҳои мавҷудаи таълим** бо дарназардошти рушди салоҳиятҳои асосӣ
- **Нақшакашӣ ва татбиқи шаклҳои таълимӣ**, ки ҳамкорӣ, тафаккури интиқодӣ ва эҷодкориро ташвиқ мекунанд
- **Ташкили муҳити таълим** (синфхонаҳо, минтақаҳои кори гурӯҳӣ, платформаҳои рақамӣ) ҳамчун муҳити рушди салоҳиятҳои асосӣ
- **Ҳавасманд кардани омӯзгорон** ба истифодаи усулҳое, ки салоҳиятҳои асосиро инкишоф медиҳанд
- **Арзёбии самаранокии шаклҳои таълим ва муҳит** аз нуқтаи назари ташаккули салоҳиятҳои асосӣ

**Саволҳои асосӣ барои баррасӣ**

- Кадом шаклҳои таълим дар муассисаи шумо **самараноктар ба рушди** салоҳиятҳои асосӣ мусоидат мекунанд?
- Чӣ гуна муҳити мактабро бояд тағйир дод, то он **ҳамкорӣ, ташаббус ва эҷодкориро** дастгирӣ кунад?
- Кадом **қарорҳои идоракунӣ** ба воридсозии салоҳиятҳои асосӣ ба таври системавӣ (на порра-порра) кумак мекунанд?
- Чӣ гуна метавон омӯзгоронро **ба бознигарии дарс ҳамчун муҳити рушди** салоҳиятҳои асосӣ ҷалб кард?
- Кадом **монеаҳо** ба ташаккули салоҳиятҳои асосӣ дар муҳити таълимии шумо халал мерасонанд — ва чӣ гуна онҳоро бартараф кардан мумкин аст?

**НАТИҶАҲОИ ТАЪЛИМ**

Пас аз омӯзиши мавзуъ метавонед

1. **Дарк кардани таъсири** муҳити таълим ба рушди тафаккури интиқодӣ, эҷодкорӣ, муошират ва ҳамкорӣ.
2. **Истифодаи равишҳо** ва шаклҳои таълим, ки ба ташаккули салоҳиятҳои асосӣ мусоидат мекунанд.
3. **Эҷоди шароит** барои ҳамкорӣ, мустақилият ва кори дастaвии хонандагон.
4. **Муайян кардани монеаҳо**, ки ба таълими самаранок халал мерасонанд ва ҷустуҷӯйи роҳҳои ҳалли онҳо.

## Муқаддима

Мактаби муосир танҳо ҷойи интиқоли дониш нест, балки муҳите мебошад, ки дар он **салоҳиятҳои калидии асри XXI** ташаккул меёбанд. Тафаккури интиқодӣ, эҷодкорӣ, муоширaт ва ҳамкорӣ (4К) ба ҷузъи ҷудонашавандаи рисолати таълимӣ табдил ёфтаанд, ки ҳадафи он — омода кардани хонандагон ба зиндагӣ дар шароити ноустуворӣ, тағйироти технологӣ ва даъватҳои иҷтимоӣ мебошад.

Барои рушди ин салоҳиятҳо танҳо тағйир додани мазмуни дарсҳо кофӣ нест — **шаклҳои таълим ва худи муҳити таълимро бояд аз нав баррасӣ кард**. Аз он, ки чӣ гуна раванди таълим, фаъолияти беруназсинфӣ ва муҳити мактабӣ ташкил ёфтаанд, вобаста аст, ки оё хонандагон метавонанд мустақилона фикр кунанд, дар гурӯҳ кор кунанд, андешаҳои худро баён намоянд ва роҳҳои ғайристандартии ҳалли масъалаҳоро пайдо кунанд.

**Нақши директор дар ин раванд — калидӣ аст.** Қарорҳои идоракунӣ муайян мекунанд, ки кадом шаклҳои таълим дастгирӣ мешаванд, чӣ гуна захираҳо тақсим мешаванд ва чӣ гуна фарҳанги ҳамкорӣ ва навоварӣ дар мактаб ташаккул меёбад.

Ин мавзуъ ба он бахшида шудааст, ки **чӣ гуна шаклҳои таълим ва муҳити таълимиро идора кардан лозим аст**, то онҳо ба рушди ҳамаҷонибаи салоҳиятҳо асосӣ мусоидат намоянд.

## Шарҳи мафҳумҳои асосӣ

**Шаклҳои таълим** — моделҳои ташкилии раванди таълимӣ (дарсӣ, лоиҳавӣ, таҳқиқотӣ, гурӯҳӣ ва ғайра), ки ба рушди иштироки фаъол ва огоҳонаи хонандагон равона шудаанд.

**Муҳити таълим** — маҷмуи муҳити ҷисмонӣ, рақамӣ ва иҷтимоӣ, ки дар он раванди таълим ва ҳамкории иштирокчиён сурат мегирад.

**Муҳити таълимии тағйирпазир** — муҳите, ки ба андозаҳои гуногуни кор мутобиқ мешавад: инфиродӣ, гурӯҳӣ, эҷодӣ ва таҳқиқотӣ.

**Таълими лоиҳавӣ** — шакли таълим, ки дар он хонандагон масъалаҳои воқеиро дар гурӯҳ ҳал мекунанд ва донишҳои худро дар амал татбиқ менамоянд.

**Таълими проблемавӣ** — усуле, ки ба таҳлил ва ҳалли масъалаҳои кушода ва гуногунҷавоб асос ёфта, тафаккури интиқодиро инкишоф медиҳад.

**Таълими якҷоя (коллаборативӣ)** — таълим тавассути фаъолияти муштарак, ки муваффақият аз саҳми ҳар як иштирокчӣ вобаста аст.

**Муҳити рақамии таълим** — истифодаи платформаҳои онлайн, абзорҳои интерактивӣ ва захираҳои рақамӣ барои дастгирии рушди салоҳиятҳои асосӣ.

**Идоракунии раванди таълим** — банақшагирии системавӣ, ташкилу назорати шаклҳо ва шароити таълим бо мақсади расидан ба натиҷаҳои таълим.

**Тарҳрезии (дизайни) педагогӣ** — тарҳрезии раванди таълим бо дарназардошти ҳадафҳо, мазмун, усулҳо ва муҳит, ки ба рушди 4К мусоидат мекунад.

## МАШҒУЛИЯТИ 1

**НАТИҶАҲОИ ТАЪЛИМ:**

1. **Тавсифи нақши идоракунии шаклҳои таълим** ва муҳити таълим ҳамчун ҷузъи муҳимми муҳити таълим.
2. Чӣ гуна идора кардан, тағйир додан ва бартараф сохтани монеаҳои маъмул, ки ба ташаккули салоҳиятҳои асосӣ мусоидат мекунанд.

### АЗ МИСОЛҲОИ ОДӢ ОҒОЗ МЕКУНЕМ
**Чиро медонед ва мефаҳмед?**

**1. Дуруст/Нодуруст:**

Омодагии тағйирпазири ҷойгиршавии хонандагон дар синф ба рушди ҳамкорӣ ва муошират мусоидат мекунад. **Дуруст/ Нодуруст**

**2. Кадом усулҳои таълимро шумо аллакай барои рушди –салоҳиятҳои асосӣ дар муассисаатон истифода мебаред?**

а) Таълими лоиҳавӣ
б) Баҳсҳо
в) Технологияҳои бозӣ
г) Ҳамаи зикршуда

**3. Ба назари шумо, кадом монеаҳо ба воридсозии муҳитҳои таълимӣ, ки ба рушди салоҳиятҳои асосӣ мусоидат мекунанд, халал мерасонанд?**

а) Норасоии маблағгузорӣ
б) Набудани омодагии омӯзгорон
в) Камбуди вақт барои татбиқи тағйирот
г) Ҳамаи зикршуда

**Супроиш барои гурӯҳ:** интихобан расм ва ҷавобро интихоб намоед
**Супоориши 1. Расми бе матн**
**Саволҳо:**

- Шумо бо дидани ин муҳит чӣ эҳсос мекунед?
- Ин муҳит ба хонандагон чӣ паём медиҳад?
- Шумо бо хароҷоти кам чӣ тағйирот ворид мекардед?
- 2–3 идея пешниҳод кунед.





**Супориши 2. Муҳит аз нигоҳи хонанда**
**Саволҳо:**

- Дар куҷо ӯ метавонад худро нишон диҳад? Дар куҷо ба сухани ӯ гӯш медиҳанд?
- Дар куҷо муҳит мегӯяд: **«ту дар ин ҷо муҳим ҳастӣ»?**
- Шумо чӣ кор карда метавонед, то ин ҷой «ба сухан дарояд»? 2–3 ғоя пешниҳод кунед.

**ЧИРО БОЯД ДОНЕД?**

**Варақаи иттилоотии 4.3-ро бо диққат хонда, сатҳи фаҳмиши худро тавассути варақаи баҳодиҳии 4.3. санҷед.**

**Варақаи иттилоотии 4.3**

## *1. ШИНОХТИ ШАКЛҲО ВА МУҲИТИ ТАЪЛИМ*

*ШАКЛҲОИ ТАЪЛИМ*

**Шаклҳои таълим** — ин роҳҳои ташкили раванди таълим мебошанд, ки тарзи ҳамкории байни омӯзгор ва хонандагонро муайян мекунанд.

Шаклҳои таълим бевосита ба **фаъолият, ангеза ва ҳамкории хонандагон** таъсир мерасонанд.

**Шаклҳои асосии таълим:**

| Шакли таълим | Тавсифи шакл |
|---|---|
| **Таълими ҳузурӣ** | Дарсҳои анъанавӣ дар синфхона бо ҳамкории мустақим байни омӯзгор ва хонанда |
| **Таълими фосилавӣ** | Раванди таълим ба таври онлайн бо истифодаи платформаҳои рақамӣ |
| **Таълими гурӯҳӣ** | Хонандагон якҷоя кор мекунанд ва масъалаҳоро дар гурӯҳ ҳал менамоянд |
| **Таълими инфиродӣ** | Барнома ба сатҳ ва ниёзҳои ҳар як хонанда мутобиқ карда мешавад |
| **Таълими лоиҳавӣ** | Омӯзиши донишҳо тавассути иҷрои лоиҳаҳои амалӣ |
| **Технологияҳои бозӣ** | Омӯзиш тавассути бозиҳо ва ангезишҳои таълимӣ |

***ФАЗО***

**Фазо** — ин ҷузъи муҳити ҷисмонӣ ё рақамиест, ки дар он ҳамкорӣ ва раванди таълим сурат мегирад. Он бояд **муколама, ҳамкорӣ ва мустақилият**-ро дастгирӣ кунад, дар ҳоле ки усулҳои таълим бояд **рушди тафаккури таҳлилӣ, тағйирпазирӣ ва кори дастави**ро ташвиқ намоянд.

**? Саволҳои кушода барои ҷалби иштирокчиён:**

**Кадом муҳити таълимӣ ба шумо беҳтар кумак мекунад, ки омӯзед ва бо дигарон ҳамкорӣ намоед? Чаро?**

**Дарси анъанавӣ дар синф:**



**Хусусиятҳои хос:**

- Омӯзгор дар пеши тахтаи синф истод, маводди дарсро мефаҳмонад______________________
Шакли асосӣ _______________________
____________________________________
- Айёният, маводи таълим______
____________________________________
- Ҳамкорӣ _____________________
____________________________________
___________________________________

Ба назари шумо, кадом усулҳои таълим беҳтар ба рушди тафаккури интиқодӣ ва эҷодкорӣ мусоидат мекунанд?





## *2. ИДОРАКУНИИ ШАКЛҲОИ ТАЪЛИМ, КИ БА ТАШАККУЛИ САЛОҲИЯТҲОИ КАЛИДӢ МУСОИДАТ МЕКУНАНД*

Ба амалияи мактабӣ бояд шаклҳои нави ташкили фаъолияти таълимии хонандагон ва роҳҳои нави ба даст овардани натиҷаҳои таълимӣ ворид карда шаванд.

**Ҳадафи дарс**, ки ба рушди маърифатии хонандагон равона шудааст, ин **эҷоди муҳитест барои ташаккул ва рушди тафаккури интиқодӣ ва эҷодкорӣ, муошират ва ҳамкорӣ (4К)**. Ин маънои онро дорад, ки вазъияти таълимӣ ба тарзи муайян ва ғайрианъанавӣ сохта мешавад.

Моделҳои вазъиятҳои таълимӣ ва супоришҳои таълимӣ таҳия шудаанд, ки ба хонандагон имконият медиҳанд, ки **салоҳиятҳои** асосиро истифода ва инкишоф диҳанд.

**Хусусиятҳои асосии супоришҳо:**

- Супориши таълимӣ **якчанд роҳи ҳалли имконпазир** дорад;
- Дар маркази супориш **лоиҳаи хурд** ё **эҷоди маҳсули хонанада** бо истифодаи василаҳои ғайристандартӣ қарор дорад;
- Супориш **кори гурӯҳиро** дар назар дорад, ки метавонад ба зерсупоришҳо барои кори ҷуфтӣ ё инфиродӣ тақсим шавад;
- Супориш талаб мекунад, ки хонандагон **маълумоти заруриро мустақилона** аз манбаъҳои кушода ҷустуҷӯ кунанд;
- Супориш метавонад **иттилоот аз дигар фанҳоро** низ дар бар гирад.

**Вазъиятҳои таълимии** ин навъ метавонанд ба **технологияҳои муосири таълими омехта** такя кунанд, ки истифодаи васеи **технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ (ТИК)**-ро дар назар доранд.

**Технологияҳои педагогӣ барои тарҳрезии дарсҳо**

Ин технологияҳо ба омӯзгороне равона шудаанд, ки дар асоси **муносибати босалоҳият дар таълим** кор мекунанд. Маҷмуаи техникаҳо **40 усули самараноки педагогиро** дар бар мегирад, ки барои рушди **салоҳиятҳои калидӣ**, аз ҷумла **тафаккури интиқодӣ, эҷодкорӣ, муошират ва ҳамкорӣ (4К)** истифода мешаванд.

**Техникаи педагогӣ** — ин усуле мебошад, ки омӯзгор барои расидан ба ҳадафҳои таълимии худ истифода мебарад.

**Ҷадвали техникаҳои педагогӣ бо назардошти сатҳи душвории масъала**

| № | Сатҳи осон | Сатҳи миёна | Сатҳи душвор |
|---|---|---|---|
| 1 | Кубики Блум | Драмогерменевтика (усули нақшофарӣ) | Назарияи умумӣ |
| 2 | «Дуруст – нодуруст», | «Навиштан бе таваққуф» | SWOT-таҳлил |
| 3 | Методҳои ассотсиатсия | Эпиграф | |
| 4 | Бозии тасодуф, навиштан дар давра | SMARTER | Кейс-метод |
| 5 | Ҷуфтҳои ивазшаванда | INSERT | Давраҳои Эйлер |
| 6 | «Фикр кун, якҷоя шав, мубодила намо» | Формулаи ПОПС | Диаграммаи Венн |
| 7 | «Ҷавоби ба таъхиргузошта» | «Плюс – Минус – Ҷолиб» | Усули Уолт Дисней |
| 8 | Синквейни дидактикӣ | Саволҳои сода ва мушкил | Таҳқиқоти эвристикӣ |
| 9 | «Истгоҳи ғояҳо» | «Чор гӯша» | Технологияи RAFT |
| 10 | Паёми фаврӣ | Овоздиҳии рейтингӣ | «Аквариум» |
| 11 | «Чӣ гуна менамояд... Чӣ гуна садо медиҳад...» | «Шаш кулоҳи тафаккур» | «Фишбоун» (устухони моҳӣ) |
| 12 | «Сорбонка» | Харитаи зеҳнӣ | «Дарахти пешгӯӣ» |
| 13 | | Кластер | Панҷ «Чаро?» |
| 14 | | Диаграммаи наздикшавӣ | «Ромашкаи Блума» |

***Методикаи таълимӣ — eduScrum***

Мафҳуми **EduScrum** — ин методи таълимиест, ки дар асоси принсипҳои **Scrum** таҳия шуда, барои раванди таълим мутобиқ гардонида шудааст. Он ба хонандагон кумак мекунад, ки дар гурӯҳҳо кор кунанд, мустақилият, тафаккури интиқодӣ ва малакаҳои муоширатро инкишоф диҳанд.

Ба забони тоҷикӣ **eduScrum**-ро метавон ҳамчун **«ЭдуСкрам»** ё **«Скрами таълимӣ»** тарҷума кард. Ин методика аз Scrum-и классикӣ мутобиқ шуда, барои ташкили таълими дастаӣ, рушди мустақилият ва тафаккури интиқодӣ дар муҳити таълим истифода мешавад.

*EduScrum — усули тағйирпазир ва дастаии таълим аст****, ки дар он хонандагон дар гурӯҳҳои хурд дар рӯйи вазифаҳо ва лоиҳаҳои таълимӣ кор мекунанд. Омӯзгор дар ин раванд на ҳамчун лектор, балки ҳамчун*** *фасилитатор ва роҳнамо* ***баромад мекунад.***

Дар ин раванд омӯзгор ***нақши коршинос ва коуч (роҳбалад)***-ро мебозад.




Дар бораи усули eduScrum дар мактаби №21 шаҳри Электростал.
Расм: саҳифаи Юлия Данилова дар Facebook*

## 3. *ИДОРАКУНИИ ШАКЛҲОИ ФАЗО, КИ БА ТАШАККУЛИ САЛОҲИЯТҲОИ АСОСӢ МУСОИДАТ МЕКУНАНД*

**Фазои таълим** ва **муҳити таълим** — ду мафҳуми ба ҳам вобаста, вале гуногун мебошанд.

**Фазои таълим** — ин муҳити ҷисмонӣ ё виртуалиест, ки дар он раванди таълим сурат мегирад. Он дар бар мегирад:

- **Минтақаҳои тағйирпазири таълимӣ** — синфхонаҳое бо ҷойгиркунии ҳаракатнок, ки имкон медиҳанд зуд аз кори инфиродӣ ба муҳокимаи гурӯҳӣ гузарем;
- **Синфхонаҳо, лабораторияҳо, ҷойҳои алоҳида**— муҳитҳои махсус барои омӯзиш ва таҷриба;
- **Технологияҳои VR/AR[2] ва платформаҳои рақамӣ** — барои таълими интерактивӣ ва таҷрибавӣ;
- **Минтақаҳо барои баҳс ва муҳокима** — ҷойҳои махсус барои рушди тафаккури интиқодӣ ва муошират;
- **Устохонаҳои эҷодӣ** — ҷойҳое, ки хонандагон метавонанд таҷриба кунанд, прототип созанд ва тафаккури эҷодии худро рушд диҳанд.

Фазо метавонад тағйирпазир бошад (масалан, ҷойгиркунии тағйирёбандаи мизу курсӣ) ва **мутобиқшаванда** (имкони истифодаи технологияҳо ва минтақаҳои гурӯҳӣ).

Дар асл, **фазо як қисми муҳит** аст, аммо муҳити таълим на танҳо шароити ҷисмониро дар бар мегирад, балки инчунин **ҷанбаҳои равонӣ, иҷтимоӣ ва методиро** низ фаро мегирад.




**Корҳои инфиродӣ ва дунафарӣ: Дар муассисаи таълимии шумо то кадом андоза шаклҳои таълим ва фазои таълим таъмин шудаанд, ки ба ташаккули салоҳиятҳои асосӣ мусоидат мекунанд?**

## 4. *НАҚШИ ДИРЕКТОРИ МАКТАБ ДАР ИДОРАКУНИИ ШАКЛҲОИ ТАЪЛИМ ВА ФАЗО БАРОИ ТАШАККУЛИ САЛОҲИЯТҲОИ КАЛИДӢ*

Идоракунии шаклҳои таълим ва муҳити таълим бо мақсади ташаккули салоҳиятҳои асосӣ яке аз вазифаҳои калидии директори мактаб мебошад.

Ин раванд дар бар мегирад:

**Чӣ гуна директор шаклҳои таълимро идора мекунад?**

1. **Идоракунии шаклҳои таълим** – роҳбарӣ ба равандҳои таълимӣ ва интихоби усулҳои мувофиқ.

---

[2] **VR (Virtual Reality) — Воқеияти виртуалӣ.** Ин муҳити пурра рақамии сунъист, ки инсон бо ёрии дастгоҳҳои махсус (масалан, айнаки VR ё шлем) ба он ворид мешавад. Дар муҳити VR корбар пурра аз ҷаҳони воқеӣ ҷудо мешавад ва бо объектҳои виртуалӣ ҳамкорӣ мекунад. **Мисол:** сайри виртуалӣ дар осорхона ё симулятори парвоз.

**AR (Augmented Reality) — Воқеияти афзуда.** Ин технологияест, ки объектҳои рақамиро (моделҳои 3D, матн, аниматсияҳо) ба тасвири ҷаҳони воқеӣ илова мекунад. Корбар муҳити атрофро тавассути камераи смартфон ё айнаки AR мебинад ва технология онро «такмил» медиҳад. **Мисол:** бозии Pokémon GO ё барномае, ки имкон медиҳад мебелро дар дохили ҳуҷра «санҷед».

2. **Интихоби усулҳо** – татбиқи таълими лоиҳавӣ, баҳсҳо, STEM, вазифаҳои гурӯҳӣ барои рушди тафаккури интиқодӣ ва ҳамкорӣ.
3. **Дастгирии омӯзгорон** – омӯзиши омӯзгорон ба усулҳои таълими фаъол ва интерактивӣ.
4. **Мониторинги самаранокии таълим** – таҳлили натиҷаҳо, муайян кардани монеаҳо ва ислоҳи стратегияҳои таълимӣ.

**Чӣ гуна директор муҳити таълимро идора мекунад?**

1. **Ташкили муҳити тағйирпазир** – эҷоди фазо барои кори гурӯҳӣ ва таълими лоиҳавӣ (коворкингҳо), лабораторияҳо, минтақаҳои муошират.
2. **Татбиқи технологияҳои рақамӣ** – истифодаи VR/AR (ҳақиқати виртуалӣ), тахтаҳои интерактивӣ, минтақаҳои мобилӣ барои кори гурӯҳӣ.
3. **Оптимизатсияи муҳит** – тарҳрезии синфхонаҳо бо назардошти бароҳатӣ ва ҳавасмандгардонии ҳамкорӣ.

**Ҳуҷҷатҳои калидӣ барои идоракунии самараноки шаклҳои таълим ва муҳити таълим, ки ба рушди салоҳиятҳои асосӣ мусоидат мекунанд:**

1. **Нақшаи стратегӣ** барои рушди муҳити таълим
2. **Низомнома** оид ба муосирсозии муҳити таълим
3. **Тавсияҳои методӣ** барои омӯзгорон
4. **Нақшаи мониторинг ва арзёби**и муҳити таълим
5. **Барномаи такмили ихтисос**и омӯзгорон

## *5. МЕХАНИЗМҲОИ МУБОДИЛАИ ТАҶРИБА ВА ҲАМКОРӢ ДАР ДОХИЛИ МАКТАБ БАЙНИ ОМӮЗГОРОН БАРОИ ИДОРАКУНИИ ШАКЛҲОИ ТАЪЛИМ, КИ БА ТАШАККУЛИ САЛОҲИЯТҲОИ КАЛИДӢ МУСОИДАТ МЕКУНАНД*

Усули маъмултарини рушди шаклҳои нави фаъолият, беҳтарсозии амалияи таълим ва баланд бардоштани натиҷаҳои таълимии хонандагон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон **иттиҳодияҳои методии омӯзгорон** мебошад.

Ин гурӯҳ аз омӯзгорон иборат аст, ки якҷоя **таҳқиқоти педагогӣ** мегузаронанд, яъне ба амалияи таълим тағйирот ворид мекунанд, то сифати омӯзиш ва сатҳи дастовардҳои хонандагонро беҳтар намоянд.

Иттиҳодияҳои методӣ ҳамчун **майдони омӯзиши дастаӣ, арзёбӣ, банақшагирӣ ва инъикос** хизмат мекунанд.

Дар доираи як мавзуи умумӣ — **тарҳрезӣ ва гузаронидани дарсҳое, ки ба рушди маърифатӣ ва ташаккули салоҳиятҳои калидӣ равона шудаанд**, метавон омӯзгоронеро муттаҳид кард, ки:

- дар як синф ё параллел кор мекунанд,
- фанҳои наздикро меомӯзонанд, ё як самти мушаххаси таҳқиқоти педагогиро интихоб кардаанд.

*Замимаҳо*

**Воситаи 1. Саволнома барои омӯзгорон ва маъмурият «Муҳити муассисаи таълим ба хонанда чӣ мегӯяд?»**

| № | Савол | Ҳа | Қисман | Не |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Оё дар муҳити муассиса (синфхонаҳо, долонҳо) корҳои хонандагон намоёнанд? | | | |
| 2 | Оё дар муассиса ҷойе ҳаст, ки хонанда метавонад савол диҳад ё фикрашро баён кунад (лавҳи синф, қуттӣ, гӯша)? | | | |
| 3 | Оё ороиши синфхонаҳо ва долонҳо дар давоми сол нав карда мешавад? | | | |
| 4 | Оё ҷойе барои кори мустақилона ё гурӯҳии хонандагон берун аз дарс вуҷуд дорад? | | | |
| 5 | Оё дар муассиса овози хонандагон танҳо дар дарс садо намедиҳад (масалан, дар гӯшаҳо, ташаббусҳо)? | | | |
| 6 | Оё шаклҳои гуногуни расмии мусбат истифода мешаванд (масалан, «саволи рӯз»)? | | | |
| 7 | Оё минтақаҳои ором барои сабуксозии эҳсосот мавҷуданд? | | | |
| 8 | Оё хонандагон дар ороиш ва рушди муҳит иштирок доранд? | | | |
| 9 | Оё муҳит интихоби шахсиро дастгирӣ мекунад: супориш, суръат, шакли кор? | | | |
| 10 | Оё унсурҳои одии зебоӣ ва бароҳатӣ мавҷуданд? (ҷойи нигоҳдорӣ, тозагӣ, устуворӣ, растаниҳо, матоъҳо, корҳои дастӣ) | | | |

**Воситаи 2.2. Варақаи мушоҳидаи муҳити муассисаи таълим**

| № | Ҷанбаи мушоҳида | Чӣ мушоҳида шуд? (далелҳо, тафсилот, мисолҳо) | Ин ба хонанда чӣ «мегӯяд»? |
|---|---|---|---|
| 1 | Муҳити синфхона | Масалан: ҷойгиршавии мизҳо, минтақаҳо, рӯшноӣ, ҷой барои гурӯҳҳо | |
| 2 | Деворҳо ва муҳити визуалӣ | Дар деворҳо чӣ ҳаст? Навсозӣ, мувофиқати мавод, кори кӣ — омӯзгор ё хонанда? | |
| 3 | Атмосфераи садо | Лаҳни омӯзгор, баландии овоз, ҳузури овози хонандагон | |
| 4 | Ҳузури «ҷойи интихоб» | Оё ҷойе ҳаст, ки хонанда метавонад супориш ё тарзи иҷрояшро интихоб кунад? | |
| 5 | Минтақаҳои истироҳат / дамгирӣ | Оё муҳити «бе фишор» вуҷуд дорад (ҳатто шартӣ)? | |
| 6 | Анъанаҳо | Дарс чӣ гуна оғоз/анҷом меёбад, оё ритуалҳои дастгирӣ ҳастанд? | |
| 7 | Ҷалби хонандагон | Дар куҷо дида мешавад, ки хонанда танҳо иҷрокунанда нест, балки ҳаммуаллиф аст? | |
| 8 | Паёмҳои умумии муҳит | Тасвири умумӣ: мактаб тавассути муҳит кадом 2–3 паёмро мерасонад? | |

## Ҷамъбаст: хулосаҳои асосӣ

1. **Тағйирпазирии муҳити таълим.** Муҳити таълим бояд мутобиқшаванда бошад: дар он бояд минтақаҳо барои кори инфиродӣ ва гурӯҳӣ, эҷодкорӣ ва тафаккури интиқодӣ пешбинӣ шаванд. Мебели тағйирпазир, минтақаҳои ҳаракатнок ва ҷадвали тағйирёбанда ба ҷалби фаъол ва рушди салоҳиятҳои асосӣ мусоидат мекунанд.
2. **Усулҳои фаъоли таълим ва технологияҳои рақамӣ.** Усулҳои лоиҳавӣ, кейсҳо, дебатҳо, eduScrum ва истифодаи технологияҳои VR/AR таълимро сифатнок ва амалӣ мегардонанд. Хонандагон ба иштирокчиёни фаъол табдил меёбанд, на танҳо шунавандагони пассив.
3. **Нақши нави омӯзгор.** Омӯзгор дигар танҳо манбаи дониш нест, балки роҳнамо ва фасилитатор мебошад. Ӯ мустақилияти хонандагонро дастгирӣ мекунад, фарҳанги ҳамкориро рушд медиҳад ва худ низ бо омӯзиши методҳои муосир рушд меёбад.
4. **Ороиш/тарроҳии (дизайн) муҳити физикӣ ва рақамӣ.** Муҳити синфхона (рӯшноӣ, мебел, технологияҳо) бояд ба ҳадафҳои таълим мувофиқ бошад. Платформаҳои рақамӣ ва захираҳои интерактивӣ имкониятҳоро барои муошират, ҳамкорӣ ва эҷодкорӣ васеъ мекунанд.
5. **Муносибати босалоҳият дар таълим ва арзёбӣ.** Ташаккули салоҳиятҳо талаб мекунад, ки супоришҳо байнифаннӣ, воқеӣ ва бо иштироки фаъолонаи хонандагон бошанд. Муҳим аст, ки низоми арзёбӣ на танҳо дониш, балки рушди малакаҳои асри XXI-ро низ дар бар гирад.

## Саволҳо барои робитаи мутақобила

1. Кадом назари навро дар бораи муҳити таълимӣ ва усулҳои таълимӣ аз худ кардед? Кадом ғояҳо барои ту махсусан муфид буданд?
2. Кадом унсурҳои муҳити тағйирпазири таълимиро мехоҳӣ дар амалияи худ татбиқ кунӣ? Ҷаро маҳз онҳоро?
3. Ҳангоми омӯзиши ин мавзуъ бештар чӣ ба ҳайрат овард ё водор ба андеша кард?
4. Кадом душвориҳоро барои татбиқи усулҳои омӯхташуда дар шароити воқеӣ пешбинӣ мекунӣ? Чӣ гуна онҳоро метавон бартараф кард?
5. Чӣ гуна метавонӣ донишҳои гирифтаатро ба муҳити таълимии худ ё курси таълимӣ мутобиқ созӣ?

👉 ***Шакли кор:*** *ҷавобҳои хаттӣ ё муҳокима дар гурӯҳҳои хурд*

**II. Худбаҳодиҳии амалияи шахсӣ**
**Самтҳои асосии худбаҳодиҳӣ:**

- **Таҳлили нақши шахсӣ** – То чӣ андоза ман аз усули роҳбаладӣ (роҳнамоӣ) истифода кардам? Оё ман ба иштирокчиён дар рушди мустақилият ва тафаккури интиқодӣ кумак кардам?
- **Самаранокии муҳити таълим** – Оё муҳит барои ҳамкорӣ, эҷодкорӣ ва муошират мусоид буд? Кадом унсурҳоро метавон беҳтар кард?
- **Дидгоҳҳо ва такмил -** Барои кори минбаъда кадом хулосаҳоро баровардан мумкин аст? Чиро бояд такмил дод ё нав ҷорӣ кард?

👉 ***Шакли кор:*** *қайдҳои инфиродӣ, мубодилаи дунафарӣ*

**III. Гузариш ба амал**

**1. Муайян кардани самтҳои афзалиятноки татбиқ**

- Кадом унсурҳои муҳити тағйирпазирии таълимиро метавон дар амалияи шумо мутобиқ кард?
- Кадом усулҳо (кейс-метод, равиши лоиҳавӣ, мубоҳисаҳо) дар муҳити таълимии шумо бештар татбиқшавандаанд?
- Кадом монеаҳо метавонанд ба миён оянд ва чӣ гуна онҳоро метавон бартараф кард?

**2. Омодасозии нақшаи амал**

- Қадамҳои мушаххасро барои татбиқи усулҳои омӯхташуда тавсиф намоед.
- Захираҳои заруриро муайян кунед (маводӣ, техникӣ, кадрӣ).
- Шахсони масъул ё гурӯҳҳоро барои татбиқи тағйирот таъин намоед.

## ХУДБАҲОДИҲӢ: ЧӢ ДАР ХОТИРАМ МОНД, ЧИРО ФАҲМИДАМ?

**Варақаи худбаҳодиҳӣ 4.3**

**Супориши 1: Мафҳумро бо тавсифи он мувофиқ кунед**

Мафҳумҳоро бо таърифҳои онҳо пайваст кунед, ҷуфтҳои мувофиқро рақамгузорӣ намоед.

| Мафҳумҳо | Тавсифҳо |
|---|---|
| 1. Кейс-метод | A) муҳити мутобиқшавандаи таълим, ки имкон медиҳад байни кори инфиродӣ ва гурӯҳӣ гузариш анҷом дода шавад |
| 2. Фасилитатсияи таълим | B) усули таълим, ки ба таҳлили ҳолатҳои воқеӣ ё ба воқеият наздик асос ёфтааст. |
| 3. Тағйирпазирии муҳити таълим | C) равиши таълим, ки дар он омӯзгор ҳамчун роҳнамо амал мекунад ва ба хонандагон кумак мекунад, ки мустақилона роҳҳои ҳалли масъалаҳоро пайдо кунанд. |
| | 1. , 2 , 3 |

**Супориши 2: Ғалатро ёбед**

Кадом андеша ғалат дорад? Онро қайд кунед ва шарҳ диҳед, ки чаро он нодуруст аст.

1. Тафаккури интиқодӣ — ин қобилияти таҳлили маълумот ва қабули қарорҳои асоснок мебошад.
2. Дебатҳо ба рушди малакаҳои муошират, далеловарӣ ва ҳамкории дастаӣ мусоидат мекунанд.
3. Тағйирпазирии муҳити таълим маънои ҷойгиркунии сахт муқаррараргардидаи мебелро дорад.
4. Истифодаи усулҳои интерактивӣ, ба монанди равиши лоиҳавӣ ва супоришҳои гурӯҳӣ, ба ташаккули салоҳиятҳои асосӣ мусоидат мекунад.

**Супориши 3: Таърифро пурра кунед**

Қисми холиро дар таъриф пур кунед.

**«Таълими лоиҳавӣ ба рушди** ________________________________ равона шудааст, зеро хонандагон дар болои вазифаҳои воқеӣ кор мекунанд, ки таҳлил, ҳамкорӣ ва равиши эҷодкоронаро талаб мекунанд.»

# МАШҒУЛИЯТИ 2

**НАТИҶАҲОИ ТАЪЛИМ:**

1. Истифода бурда тавонистани абзорҳои содаи ташхиси муҳити таълим.
2. Таҳия кардани нақшаи як тағйироти хурд дар муҳити муассисавӣ.



## МАШҒУЛИЯТИ АМАЛӢ: АЗ МУШОҲИДА БА АМАЛ

**Мағулияти амалии 1.**
Ҷадвалро бо истифода аз таҷрибаи муассисаи таълимии худ пур кунед.

**Муайян кардани монеаҳои ташаккули салоҳиятҳои асосӣ дар муассисаи таълимии худ**

| Монеаҳо барои эҷодкорӣ | Монеаҳо барои тафаккури интиқодӣ | Монеаҳо барои муоширaт | Монеаҳо барои ҳамкорӣ |
|---|---|---|---|
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |

**Мағулияти амалии 2.** Пур кардани варақаҳои арзёбии муҳити муассисавӣ: замимаи 1 ва 2-юми мавзуъ

# МАВЗУИ 4

## Чӣ тавр ташаккули салоҳиятҳоро арзёбӣ кардан мумкин аст: нишондиҳандаҳо, ченакҳо, мониторинг

**Чиро донистан муҳим аст?**

- **Мафҳуми салоҳиятҳо** ва фарқи онҳо аз дониш ва малакаҳо
- **Принсипҳои арзёбии салоҳиятҳо**: якпорчагӣ, вобастагӣ ба мавзуъ, қобили мушоҳида будан.
- **Навъҳои арзёбӣ**: мушоҳида, худбаҳодӣ, портфолио, кейсҳо, рубрикаҳо
- **Нақши ченакҳо ва нишондиҳандаҳо** дар мониторинги натиҷаҳои таълим
- **Фарқгузорӣ байни арзёбии шароитҳо** (муҳит, усулҳо, захираҳо) ва **арзёбии натиҷаҳо** (сатҳи ташаккули салоҳиятҳо)

**Чиро бояд тавонам?**

- Таҳия ва мутобиқсозии **шаклҳои арзёбии салоҳиятҳо** (варақаҳои назоратӣ, дараҷа/сатҳо, рубрикҳо).
- Гузаронидани **мушоҳида** ва ҷамъоварии маълумот дар бораи зоҳиршавии **салоҳиятҳо** дар дарс ва чорабиниҳои берунасинфӣ.
- Истифодаи **усулҳои худбаҳодиҳӣ ва баҳамдигар баҳодиҳии хонандагон.**
- **Тафсири натиҷаҳои мониторинг** ва қабули қарорҳои идоракунӣ.
- Арзёбии на танҳо дастовардҳои инфиродӣ, балки **шароите, ки ба ташаккули салоҳиятҳо мусоидат мекунанд.**

**Саволҳои асосӣ барои баррасӣ:**

- Кадом салоҳиятҳоро мехоҳем ташаккул диҳем ва онҳо дар амал чӣ гуна зоҳир мешаванд?
- Кадом абзорҳо боэътимод ва барои муҳити таълимии мо мувофиқанд?
- Чӣ гуна метавон на танҳо натиҷа, балки раванди ташаккули салоҳиятҳоро низ арзёбӣ кард?
- Чӣ гуна метавон хонандагонро ба худбаҳодиҳӣ ва инъикос ҷалб кард?
- Чӣ гуна метавон маълумоти мониторингро барои беҳтарсозии муҳити таълим ва амалияи педагогӣ истифода бурд.

**НАТИҶАҲОИ ТАЪЛИМ**

Пас аз омӯзиши мавзуъ метавонед:

1. Арзёбии салоҳиятҳоро аз назорати анъанавии донишу малакаҳо фарқ карда, усулҳои мувофиқ (мушоҳида, рубрикаҳо, хударзёбӣ ва ғайра)-ро барои арзёбӣ ва натиҷаҳои ташаккули салоҳиятҳо интихоб кунед.
2. Нишонаҳои мушоҳидашавандаро таҳия кунед ва онҳоро барои пайгирии сатҳи ташаккули салоҳиятҳои асосӣ истифода баред.
3. Таҳлил кунед, ки то чӣ андоза шаклҳои таълим, муҳит ва ҳамкорӣ ба ташаккули салоҳиятҳо мусоидат мекунанд.
4. Маълумотҳои арзёбиро истифода баред, ки стратегияҳои таълимӣ ва қарорҳои идоракуниро мутобиқ созанд.

# Муқаддима

Дар таҳсилоти муосир на танҳо интиқоли дониш, балки ташаккули салоҳиятҳои калидӣ ба мисли тафаккури интиқодӣ, эҷодкорӣ, муошират, ҳамкорӣ ва дигар маҳоратҳои асри XXI - аҳамияти афзоянда пайдо мекунад. Бо вуҷуди ин, саволи табиӣ ба миён меояд: чӣ гуна метавон фаҳмид, ки воқеан ин салоҳиятҳо ташаккул меёбанд? Ва кадом шароитҳо ба ин мусоидат мекунанд?

Арзёбии салоҳиятҳо танҳо сабт кардани натиҷа нест, балки таҳлили амиқи раванди таълим, муҳите, ки дар он сурат мегирад, ва воситаҳое мебошад, ки истифода мебарем. То ин ки муносибати босалоҳият ба таълими танҳо шиор набошад. Чен кардан ва тафсир намудани ҳам сатҳи ташаккули салоҳиятҳо ва ҳам сифати шароите, ки дар онҳо ин салоҳиятҳо инкишоф меёбанд донистан зарур аст.

Ин мавзуъ ба он бахшида шудааст, ки чӣ гуна низоми арзёбиро сохтан мумкин аст, ки расмӣ набошад, балки дар воқеъ муфид бошад: барои хонандагон ҳамчун алоқаи бозгашт, барои омӯзгорон ҳамчун самти инкишоф ва барои роҳбарон ҳамчун воситаи қабули қарорҳо. Мо воситаҳои амалии арзёбӣ, ченакҳо ва усулҳои мониторингро баррасӣ мекунем, ки кумак мекунанд таълими босалоҳят бошуурона, идорашаванда ва ченшаванда бошад.

Дар ин машғулият мо **воситаҳои калидии ташхис**, **ченакҳои арзёбӣ** ва **усулҳои мониторингро** баррасӣ мекунем, ки имкон медиҳанд натиҷаҳои таълим **объективона** чен карда шаванд.

# Шарҳи мафҳумҳои асосӣ

**Салоҳият** — омезиши дониш, маҳорат, малакаҳо, муносибатҳо ва таҷриба мебошад, ки ба амалкардҳои самаранок дар шароити гуногун имконият медиҳад. Салоҳият дорои унсурҳои маърифатӣ, рафторӣ ва арзишӣ мебошад.

**Ташаккули салоҳиятҳо** раванде, ки дар он хонандагон қобилияти истифодаи дониш ва малакаҳоро дар шароитҳои воқеӣ ва амалии ҳаёт инкишоф медиҳанд.

**Арзёбии салоҳиятҳо** — мушоҳида ва таҳлили системавии зуҳури салоҳиятҳо дар амалҳои хонандагон мебошад. Ин раванд ҳам арзёбии натиҷа ва ҳам раванди таълимро дар бар мегирад.

**Ченакҳо** — нишондиҳандаҳои миқдорӣ ё сифатие мебошанд, ки сатҳи ташаккули салоҳиятҳоро нишон медиҳанд. Масалан: басомади зуҳури малака, сатҳи худмустақилият, сифати далеловарӣ.

**Нишондиҳандаҳо** — нишонаҳо мушоҳидашавандаанд, ки тавассути онҳо мумкин аст сатҳи ташаккули салоҳиятҳои мушаххасро муайян кард. Масалан: «хонанда нуқтаи назарашро исбот мекунад», «дар гурӯҳ кор карда, вазифаҳоро тақсим мекунад».

**Воситаҳои арзёбӣ** — абзорҳое мебошанд, ки барои ҷамъоварии маълумот дар бораи салоҳиятҳо истифода мешаванд: варақаҳои назоратӣ (чек-лист), рубрикаҳо, харитаҳои мушоҳида, хударзёбӣ, портфолио, кейсҳо ва лоиҳаҳо.

**Мониторинг** — пайгирии системавии пайвастаи ташаккули салоҳиятҳо ва шароите, ки дар онҳо ин раванд сурат мегирад. Метавонад ҷорӣ, мобайнии раванд ё ниҳоӣ бошад.

**Арзёбии муҳит** — таҳлили муҳит, усулҳо ва шаклҳои ташкили таълим мебошад, ки ба ташаккули салоҳиятҳо мусоидат мекунанд ё монеъ мешаванд (масалан, мавҷудияти кори лоиҳавӣ, воситаҳои рақамӣ).

## МАШҒУЛИЯТИ 1

### НАТИҶАҲОИ ТАЪЛИМ:

1. Фаҳмед, ки арзёбии салоҳиятҳо аз арзёбии анъанавии дониш чӣ фарқ дорад ва нақши ченкунандаҳо, нишондиҳандаҳо ва мониторинг дар раванди таълим дар чӣ ифода меёбанд.
2. Бо навъҳои воситаҳои арзёбӣ (варақаҳои назоратӣ, рубрикаҳо, мушоҳида, хударзёбӣ ва ғайра) шинос шуда, омӯхтан, ки чӣ гуна шароит (муҳит, усулҳо) ва натиҷаҳо (сатҳи ташаккули салоҳиятҳо)-ро арзёбӣ кардан мумкин аст.



### АЗ МИСОЛҲОИ ОДӢ ОҒОЗ МЕКУНЕМ
**Чиро медонед ва мефаҳмед?**

**Супоришҳо барои санҷиши донишҳои ибтидоӣ**

**1. Чиро медонед?**

- Кадом воситаҳои арзёбии салоҳиятҳоро дар амалияи худ истифода мебаред?
- Ба фикри шумо, кадом омилҳо ба рушди салоҳиятҳо дар муҳити таълимӣ таъсир мерасонанд?

**2. Дуруст/нодуруст**

- Варақаҳои назоратӣ (чек-листҳо) танҳо барои арзёбии натиҷаи ниҳоии таълим истифода мешаванд. Дуруст/нодуруст?
- Таксономияи Блум имкон медиҳад, ки сатҳи рушди салоҳиятҳо арзёбӣ шавад. Дуруст/нодуруст?

**3. Мутобиқат кунед**

| | |
|---|---|
| **1.** Ченакҳои рушди салоҳиятҳо | A. Мушоҳида, чек-листҳо, пурсишҳо |
| **2.** Воситаҳои ташхис | B. Нишондиҳандаҳои сифатӣ ва миқдорӣ |
| **3.** Мониторинги пешрафт | C. Ҷамъоварӣ ва таҳлили маълумот, ислоҳи раванд |

**4. Саволҳо барои ба воқеият мувофиқ кардани таҷрибаи директорон.**

- Кадом усулҳои ташхиси салоҳиятҳо дар муассисаи таълимии шумо самараноктар мебошанд?
- Шумо чӣ гуна рафти рушди салоҳиятҳои хонандагон ва омӯзгоронро пайгирӣ мекунед?



## ЧИРО БОЯД ДОНЕД?

**Варақаи иттилоотии 4.4-ро бо диққат хонда, сатҳи фаҳмиши худро тавассути варақаи баҳодиҳии 4.1. санҷед.**

**Варақаи иттилоотии 1.1**

### *1. МАФҲУМИ САЛОҲИЯТҲО ВА ФАРҚИЯТИ ОНҲО АЗ ДОНИШ ВА МАЛАКАҲО*

Салоҳиятҳо қобилияти шахс барои истифодаи дониш, малакаҳо, сифатҳои шахсӣ ва таҷриба барои ҳалли самараноки вазифаҳо дар ҳолатҳои воқеии зиндагӣ ва касбӣ мебошад. Салоҳият ҳамеша дар амал зоҳир мешавад ва на танҳо он чизеро дар бар мегирад, ки шахс медонад ва метавонад, балки чӣ гуна онро дар вазъи мушаххас истифода мебарад.

- **Дониш** — ин маълумотест, ки шахс аз худ кардааст: далелҳо, мафҳумҳо, назарияҳо.
- **Малакаҳо** — ин қобилияти иҷрои амалҳои муайян мебошад: ҳалли масъалаҳо, навиштан, чен кардан, таҳлил кардан.
- **Салоҳият** — ин ҳамгироии дониш ва малакаҳо бо ангеза, таҷриба, муносибатҳо ва омодагӣ барои амал кардан дар ҳолатҳои мураккаб ва ғайристандартӣ мебошад.

**Мисолҳо:**

- Донистани қоидаҳои грамматикӣ (дониш)
- Қобилияти навиштани эссе (малака)
- Қобилияти ба таври асоснок баён кардани нуқтаи назари худ дар шаклҳо ва аудиторияҳои гуногун (салоҳият)

Ҳамин тавр, салоҳият — ин сатҳи баландтари натиҷаи таълимӣ мебошад, ки на танҳо ба он, ки хонанда чӣ медонад, балки чӣ гуна фикр мекунад, ҳамкорӣ мекунад, қарор қабул мекунад ва дар зиндагии воқеӣ амал мекунад, равона шудааст.

***ҶАДВАЛИ МУҚОИСАВӢ: АРЗЁБИИ ДОНИШ ВА АРЗЁБИИ САЛОҲИЯТҲО***

| Меъёр | Арзёбии дониш | Арзёбии салоҳиятҳо |
|---|---|---|
| **Чӣ арзёбӣ мешавад** | Азхудкунии маълумот: далелҳо, формулаҳо, таърифҳо | Истифодаи дониш ва малакаҳо дар ҳолатҳои воқеӣ ё ба зиндагӣ наздик |
| **Мисол** | Тест барои донистани санаҳо, истилоҳҳо, формулаҳо | Лоиҳа бо таҳлили мушкилот ва пешниҳоди ҳалли он |
| **Шакли супоришҳо** | Тестҳо, корҳои назоратӣ, саволҳои шифоҳӣ | Кейсҳо, лоиҳаҳо, мушоҳида, портфолио, худбаҳодиҳӣ, нақшофарӣ |
| **Меъёрҳои арзёбӣ** | Дурустӣ, пуррагӣ, дақиқии ҷавоб | Таҳлил, ҳамкорӣ, асоснокkунӣ, қабули қарорҳо, ташаббус |
| **Нақши мазмун** | Арзёбӣ берун аз ҳолати воқеӣ | Салоҳиятҳо дар мазмун (таълимӣ, иҷтимоӣ, касбӣ) зоҳир мешаванд |
| **Ҳадафи арзёбӣ** | Санҷидани он, ки хонанда чӣ ёд гирифтааст | Фаҳмидани он, ки хонанда чӣ гуна амал мекунад, фикр мекунад, ҳамкорӣ мекунад |

**Хулоса:** Арзёбии дониш — ин марҳилаи муҳим аст, аммо арзёбии салоҳиятҳо талаб мекунад, ки равиши амиқтар ва мазмун, ки ба амалҳои воқеӣ ва тарзи фикрронии хонанда равона шудааст, истифода шавад.

## 2. *АРЗЁБИИ МУҲИТИ ТАШАККУЛИ САЛОҲИЯТҲО*

Шароити ташаккули салоҳиятҳо — ин маҷмуи омилҳоест, ки рушди салоҳиятҳои хонандагонро таъмин мекунанд. Онҳо муҳити таълим, усулҳои таълим, роҳҳои ҳамкорӣ, захираҳо ва ҷанбаҳои равонии таъсиррасон ба раванди таълимро дар бар мегиранд.

**Шароити асосии ташаккули салоҳиятҳо:**

| Шароити асосӣ | Тавзеҳот |
|---|---|
| **Муҳити таълим** | Дастрасии маводди таълимӣ, ташкили фазо, истифодаи технологияҳои рақамӣ ва интерактивӣ. |
| **Усулҳои таълим** | Усулҳои фаъол, ба мушкилот равонашуда, лоиҳавӣ, шаклҳои кории дастаӣ. |
| **Ҳамкорӣ** | Сифати муошират байни хонандагон ва омӯзгорон, сатҳи дастгирӣ ва ангеза. |
| **Захираҳо** | Дастрасӣ ба маводди таълимӣ, платформаҳои рақамӣ, имкониятҳои рушди касбӣ. |
| **Омилҳои равонӣ** | Сатҳи ҷалбшавӣ, ҳолати эҳсосӣ, шавқ ба таълим. |

Барои арзёбии шароити ташаккули салоҳиятҳо истифода мешаванд:
- **Харитаҳои ташхисӣ ва рӯйхатҳои санҷишӣ** (арзёбии муҳит, методҳо ва захираҳо).
- **Ченакҳои самаранокӣ** (таҳлили ҷалбшавӣ, натиҷаҳои кор).

**Харитаҳои ташхисӣ**
Барои таҳлили муфассали шароити ташаккули салоҳиятҳо истифода мешаванд.

## 3. *ЧӢ ГУНА ТАШАККУЛИ САЛОҲИЯТҲОРО АРЗЁБӢ КАРДАН МУМКИН АСТ: ВОСИТАҲО, ЧЕНАКҲО, МОНИТОРИНГ*

Муҳити муосири таълим на танҳо ба интиқоли дониш, балки ба рушди **салоҳиятҳои калидӣ**, ки барои ҳаёти шахсӣ ва касбии муваффақ заруранд, равона шудааст.

Арзёбии самараноки ташаккули салоҳиятҳо **амали бисёрсатҳаро** талаб мекунад, ки таҳлили дониш, маҳорат ва рафторро дар бар мегирад. Барои ин **абзорҳои гуногуни ташхис**, **ченакҳо** ва **тартибҳои гуногуни мониторинг** истифода мешаванд ва имкон медиҳанд раванди рушди хонандагон пайгирӣ карда шавад.

Мониторинги равандҳои таълимӣ имкон медиҳад, ки рушди салоҳиятҳо **систематикӣ** пайгирӣ шаванд. Он иборат аст аз:
- ҷамъоварии маълумот
- таҳлили пешрафт
- тағйири усулҳои таълим

Шумо кадом абзорҳоро аллакай барои арзёбии салоҳиятҳои хонандагон ва омӯзгорон истифода мебаред? Кадом нишондиҳандаҳо барои шумо муҳимтар мебошанд?

Системаи самараноки таълим дар асоси **фаҳмиши равшан** бунёд мешавад**,** чӣ гуна ва дар кадом шароит салоҳиятҳо ташаккул меёбанд. Барои директорони муассисаҳои таълимӣ муҳим аст, ки на танҳо усулҳои муосирро татбиқ кунанд, балки таъсири онҳоро **дуруст чен кунанд**, **раванди рушди салоҳиятҳоро таҳлил намоянд** ва **маълумоти дастрасшударо** амалӣ созанд.

**Харитаи ташхис: Тафаккури интиқодӣ**

| Нишондиҳанда | Тавсиф | Баҳо (1–5) | Шарҳ / Таҳлил |
|---|---|---|---|
| Таҳлили иттилоот | Қобилияти ҷудо кардани фактҳои асосӣ ва робитаҳои сабабӣ | | Оё хонанда бо манбаъҳои гуногун кор карда метавонад? |
| Далели фикр | Қобилияти сохтани далелҳои мантиқӣ ва пайдарпай | | Оё хонанда далелҳоро барои тасдиқи фикр истифода мебарад? |
| Ошкор кардани зиддиятҳо | Қобилияти ёфтани ғалатҳо ва номувофиқатӣ | | Чӣ гуна ба саволҳои мушкил ва баҳснок вокуниш мекунад? |
| Гуногунандешӣ | Қобилияти ёфтани роҳҳои алтернативӣ | | Оё хонанда ба нуқтаи назари нав омода аст? |
| Танзими тафаккур | Қобилияти хударзёбӣ ва ислоҳи фикр | | Оё ғалатҳоро дарк мекунад ва фикрро ислоҳ мекунад? |
| Арзёбии эътимоднокии иттилоот | Ҷудо кардани далел аз фикр, санҷиши манбаъҳо | | Чӣ гуна хонанда маълумоти рақамиро таҳлил мекунад? |
| Истифодаи байнифаннӣ | Татбиқи тафаккури интиқодӣ дар фанҳои гуногун | | Оё маҳоратҳои таҳлилиро ба фанҳои дигар мегузаронад? |
| Истифода дар ҳаёти воқеӣ | Татбиқи маҳоратҳои таҳлилӣ дар амал | | Чӣ гуна дар зиндагӣ ва таҳсил истифода мебарад? |
| Саводи рақамии интиқодӣ | Таҳлили маълумоти рақамӣ ва пешгирии фишороварӣ | | Оё маълумоти бардуруғ (фейк) ва манипулятивиро мешиносад? |

**Харитаи ташхис: Мустақилият ва ташаббус**

| Нишондиҳанда | Тавсиф | Баҳо (1–5) | Шарҳ / Таҳлил |
|---|---|---|---|
| Қабули қарор | Ҳалли масъалаҳо бе роҳбарии беруна | | Чӣ гуна бо кори мустақилона кор мебарад? |
| Банақшагирии амал | Гузоштани ҳадаф ва сохторбандии раванд | | Оё супоришҳоро бо дарки равшан иҷро мекунад? |
| Ҳалли мушкилот | Ҷустуҷӯйи роҳҳо дар ҳолатҳои ғайрианъанавӣ | | Оё ба мушкилоти нав мутобиқ мешавад? |
| Кор бо фикру мулоҳиза | Ислоҳи амалҳо бо назардошти тавсияҳо | | Оё омода аст маҳоратҳоро такмил диҳад? |
| Ҳавасмандии шахсӣ | Ҷустуҷӯйи манбаъҳои дохилии ангезиш | | Оё бе фишори беруна ташаббус нишон медиҳад? |
| Омодагӣ ба омӯзиш | Ҷустуҷӯйи дониш ва татбиқи он | | Чӣ гуна маълумоти навро меёбад ва истифода мебарад? |
| Идоракунии вақт | Тақсимоти самараноки вазифаҳо | | Оё вақти худро дуруст ташкил мекунад? |
| Худбаҳодиҳии интиқодӣ | Арзёбии дастовардҳо ва хатоҳо | | Чӣ гуна пешрафти худро таҳлил мекунад? |
| Ташаббус дар гурӯҳ | Омодагӣ ба роҳбарӣ ва пешниҳоди идеяҳо | | Оё дар гурӯҳ фаъол аст? |
| Гуногунандешӣ | Мутобиқшавӣ ба шароити тағйирёбанда | | Чӣ гуна ба ҳолатҳои ғайриоддӣ вокуниш мекунад? |

**Харитаи ташхис: Муошират**

| Нишондиҳанда | Тавсиф | Баҳо (1–5) | Шарҳ / Таҳлил |
|---|---|---|---|
| Баёни шифоҳӣ | Равшанӣ, мантиқ ва боварнокии сухан | | Оё фикрро равшан баён мекунад? |
| Гӯшкунии фаъол | Қабул, таҳлил ва вокуниш ба иттилоот | | Оё ба фикри дигарон таваҷҷуҳ мекунад? |
| Зеҳни эҳсосӣ | Шинохти ишораҳои ғайришифоҳӣ, муколама | | Оё дар гурӯҳ самаранок муошират мекунад? |
| Саводи хаттӣ | Сохтани матн, риояи мантиқ | | Оё навиштани шифоҳӣ хуб рушд ёфтааст? |
| Далели фикр | Сохтани далел ва ҳимояи нуқтаи назар | | Оё мавқеи худро ҳимоя мекунад? |
| Мутобиқшавӣ дар муошират | Тағйири услуб вобаста ба аудитория | | Оё ба шаклҳои гуногун мутобиқ мешавад? |
| Муошират созанда | Баён кардани норозигӣ бо эҳтиром | | Ба танқид ва ихтилофҳо чӣ гуна вокуниш мекунад? |
| Муоширати рақамӣ | Муошират дар муҳити онлайн | | Оё абзорҳои рақамиро дуруст истифода мебарад? |
| Ишораҳои ғайришифоҳӣ | Интонация, ишораҳо, тамоси чашм | | Оё ишораҳоро огоҳона истифода мебарад? |
| Муоширати гурӯҳӣ | Муошират дар равандҳои дастаӣ | | Оё амалҳои худро бо дигарон ҳамоҳанг мекунад? |

**Харитаи ташхис: Эҷодкорӣ**

| Нишондиҳанда | Тавсиф | Баҳо (1–5) | Шарҳ / Таҳлил |
|---|---|---|---|
| Ақидаҳои аслӣ | Пешниҳоди роҳҳои ғайрианъанавӣ | | Оё идеяҳои нав ва инноватсионӣ пешниҳод мекунад? |
| Гуногунандешӣ | Тағйири равиш ва мутобиқшавӣ | | Оё ба консепсияҳои нав вокуниш нишон медиҳад? |
| Таҳлили амиқ | Ёфтани робитаҳои пинҳонӣ | | Оё таҳлили амиқи идеяҳоро анҷом медиҳад? |
| Озмоишгарӣ | Омодагӣ ба усулҳои нав ва алтернативӣ | | Оё ба навоварӣ майл дорад? |
| Баёни идеяҳои эҷодӣ | Таҳия ва визуализатсияи идеяҳо | | Оё идеяҳоро равшан ва боваринок баён мекунад? |
| Ҳалли масъалаҳои мушкил | Ёфтани роҳҳои ғайриоддӣ | | Оё бо мушкилоти ғайрианъанавӣ мубориза мебарад? |
| Ҳамкории эҷодӣ | Кор дар гурӯҳҳои инноватсионӣ | | Оё дар гурӯҳ идеяҳо пешниҳод мекунад? |
| Гузаронидани дониш ба мазмуни нав | Татбиқи дониш дар фанҳои дигар | | Оё нерӯ и эҷодиро дар фанҳои гуногун истифода мебарад? |
| Тафаккури таваккалӣ | Омодагӣ ба қарорҳои ғайриоддӣ | | Оё бо идеяҳо озмоиш мекунад? |
| Эҷодкории беихтиёрона | Ҳалли фаврии масъалаҳо бо таҷриба | | Оё бо ҳисси пешакии худ такя мекунад? |

**Намунаҳои варақаҳои назоратӣ барои арзёбии ташаккули салоҳиятҳо**

**Варақаи назоратӣ барои баҳодиҳии салоҳиятҳои эҷодӣ**

| Нишондиҳанда | Тавсиф | Баҳо (1–5) | Шарҳ / Таҳлил |
|---|---|---|---|
| Таҳлили иттилоот | Қобилияти ҷудо кардани фактҳои асосӣ ва робитаҳои байни онҳо | | Оё хонанда бо манбаъҳои гуногун кор карда метавонад? |
| Тафаккури мантиқӣ | Сохтани хулосаҳои далелнок ва пешгӯии натиҷаҳо | | Чӣ гуна хонанда робитаҳои сабабӣ ва натиҷаро шарҳ медиҳад? |
| Мустақилият | Қобилияти қабули қарор ва ташкил кардани кор бе назорати беруна | | Оё хонанда метавонад бе роҳбарӣ самаранок амал кунад? |
| Гуногунандешӣ | Мутобиқшавӣ ба шароити нав ва ёфтани роҳҳои алтернативӣ | | Чӣ гуна ба тағйироти ногаҳонӣ вокуниш нишон медиҳад? |
| Тафаккури интиқодӣ | Арзёбии эътимоднокии маълумот ва санҷиши манбаъҳо | | Чӣ гуна хонанда ҳаққонияти маълумотро таҳлил мекунад? |
| Татбиқи дониш дар муҳити нав | Истифодаи консепсияҳои омӯхташуда дар мазмуни дигар | | Оё донишро ба ҳолатҳои ғайрианъанавӣ мутобиқ мекунад? |
| Худбаҳодиҳӣ ва арзёбии пешрафт | Таҳлили хатоҳо ва ҷустуҷӯйи роҳҳои ислоҳ | | Оё хонанда қувва ва заъфҳои худро дарк мекунад? |

**Варақаи назоратӣ: Арзёбии салоҳиятҳои муоширатӣ**

| Нишондиҳанда | Тавсиф | Баҳо (1–5) | Шарҳ / Таҳлил |
|---|---|---|---|
| Гӯшкунии фаъол | Қабули иттилоот ва додани саволҳои дақиқкунанда | | Оё хонанда бо диққат гӯш ва таҳлил мекунад? |
| Баёни шифоҳӣ | Равшанӣ, мантиқ ва боварнокии сухан | | Оё фикрро равшан ва бо боварӣ баён мекунад? |
| Кори гурӯҳӣ | Муошират бо дигарон ва эҳтироми фикрҳои гуногун | | Чӣ гуна ҳамкориро дар гурӯҳ ташкил мекунад? |
| Зеҳни эҳсосӣ | Шинохти ҳолати ҳамсуҳбат ва ишораҳои ғайришифоҳӣ | | Оё муоширатро бо назардошти эҳсосот танзим мекунад? |
| Далели фикр | Сохтани далел ва ҳимояи нуқтаи назар | | Оё идеяҳоро бо далелҳои боварнок ҳимоя мекунад? |
| Мутобиқшавӣ дар муошират | Тағйири услуб вобаста ба вазъият ва аудитория | | Оё ба шаклҳои гуногун мутобиқ мешавад? |
| Муошırати созанда | Баён кардани норозигӣ бо эҳтиром | | Чӣ гуна ба танқид ва ихтилофҳо вокуниш мекунад? |
| Муошırати рақамӣ | Муошират дар муҳити онлайн | | Оё абзорҳои рақамиро дуруст истифода мебарад? |
| Ишораҳои ғайришифоҳӣ | Интонация, ишораҳо, тамоси чашм | | Оё ишораҳоро огоҳона истифода мебарад? |
| Муошırати гурӯҳӣ | Муошират дар равандҳои дастаӣ | | Оё амалҳои худро бо дигарон ҳамоҳанг мекунад? |

**Варақаи назоратӣ: Арзёбии тафаккури интиқодӣ**

| Нишондиҳанда | Тавсиф | Баҳо (1–5) | Шарҳ / Таҳлил |
|---|---|---|---|
| Таҳлили иттилоот | Ҷудо кардани фактҳои асосӣ ва робитаҳои сабабӣ | | Оё унсурҳои муҳимро дар маълумот муайян мекунад? |
| Далелии фикр | Сохтани далелҳои мантиқӣ ва сохторбандӣ | | Оё аргументҳоро бо боварнокӣ баён мекунад? |
| Ошкор кардани хатоҳо | Таҳлили маълумот барои хатоҳо ва нодурустӣ | | Оё маълумотро интиқодӣ арзёбӣ ва ислоҳ мекунад? |
| Ҷустуҷӯйи роҳҳои алтернативӣ | Арзёбии роҳҳои гуногуни ҳалли масъала | | Оё роҳҳои дигарро пешниҳод мекунад? |
| Арзёбии интиқодии манбаъҳо | Таҳлили эътимоднокии манбаъҳои иттилоот | | Оё ҳаққонияти маълумотро муайян мекунад? |
| Гуногунандешӣ | Мутобиқшавӣ ва тағйири равиш дар таҳлил | | Оё ба нуқтаи назари нав кушода аст? |
| Худбаҳодиҳӣ | Таҳлили хулосаҳои шахсӣ ва ислоҳи онҳо | | Оё фикрҳои худро бо маълумоти нав бозбинӣ мекунад? |
| Татбиқи тафаккури интиқодӣ | Истифодаи таҳлил ва аргументи фикр дар амал | | Оё дар зиндагӣ ва таҳсил истифода мекунад? |

**Арзёбӣ тавассути рубрикҳо**

Рубрика аз мафҳумҳои зерин иборат аст:

- **натиҷаҳои омӯзиш** (салоҳиятҳо), мисол муоширát;
- **дараҷаҳои рушд** (бо андозагирии **«сода», «рушдёбанда» ва «такмилшуда»;**
- **баҳо** (бо андозагирии (1), (2), (3);
- **бахшҳо** (меъёр нишондиҳандаи салоҳият);
- **шарҳи фаъолият** (амалкард дар бахшҳоро нишон медиҳад).

**«Муоширáт»**-ро ҳамчун салоҳият, **«суханварӣ»**-ро ҳамчун одат ва **«мулоҳизакорӣ», «баҳс» ва «эҳтиром»**-ро ҳамчун нишондиҳандаи ин одатҳо интихоб намуда, онҳоро дар сатҳҳои: **бедоршавӣ ё сода**, **пешравӣ дорад, рушдёбанда, такмилшуда** ва ё **муваффақ** баҳогузорӣ намудан мумкин аст.

Акнун **«эҳтиром»** -ро ҳамчун нишондиҳанда дар сатҳҳо гуногун дида мебароем:

- **бедоршавӣ ё сода:** тоқати гӯш кардан дорад, фикри муҳосибро қабул мекунад;
- **пешравӣ дорад ё рушдёбанда:** фикри мусоҳибро қабул ва бо далелҳо муқоиса мекунад:
- **такмилшуда ё муваффақ:** мусоҳибро пурра гӯш карда, баъд аз он тавсия медиҳад.




Рубрикаи мушоҳидасозӣ барои арзёбии салоҳиятҳои омӯзишӣ: **Муошират**

**Таърихи мушоҳидаи дарс:**
**Ҷойи мушоҳидаи дарс:**
**Гурӯҳҳои махсуси мушоҳидашаванда:**
Мушоҳида

| | Сода | **Рушдёбанда** | **Такмилшуда** | **Баҳо** |
|---|---|---|---|---|
| **Баҳо** | **(1)** | **(2)** | **(3)** | **(1-2-3)** |
| **Гӯш додан** | Хонандагон ба ақидаҳо, ниёзҳо ва эҳтиёҷоти одамони дигар диққат намедиҳанд. | Хонандагон баъзан ба нуқтаи назари одамони дигар дар шакли фосилавӣ гӯш медиҳанд. | Хонандагон ҳамеша фаъолона гӯш медиҳанд, саволҳои иловагиро мепурсанд ва дар нисбати чизе, ки шуниданд, амал мекунанд. | |
| **Баён кардан** | Хонандагон фикру ақидаҳои худро бо тарзи равшан ва мантиқӣ изҳор намекунанд. | Хонандагон метавонанд фикру ақидаҳои худро баён кунанд, аммо ба ҳар ҳол онҳо бояд тарзи пешниҳоди равшан ва мантиқии фикрро такмил диҳанд. | Хонандагон ба таври самаранок фикру мулоҳизаҳои худро равшан ва мантиқӣ ифода мекунанд. | |
| **Муоширати самаранок** | Хонандагон аз ташвишҳои худ хабар намедиҳанд. | Хонандагон кӯшиш мекунанд, ки оромона ва самаранок муошират кунанд, аммо ҷой барои беҳбудӣ дар муошират вуҷуд дорад. | Хонандагон муоширати хуб доранд ва дар ҳолатҳои душвор оромона ва самаранок фикрашонро иброз менамоянд. | |
| | | | **Ҳисоби умумии баҳоҳо:** | |

## Ҷамъбаст: хулосаҳои асосӣ

**1. Арзёбии шароитҳои ташаккули маҳоратҳо**
- Харитаҳои ташхисӣ ва рӯйхатҳои санҷишӣ барои систематизатсияи маълумот дар бораи муҳити таълимӣ кумак мекунанд.
- Фаъолият ва тағйирпазирии муҳити таълим (минтақаҳои ҳамкорӣ, шаклҳои интерактивӣ) дар рушди маҳоратҳо нақши ҳалкунанда доранд.
- Нақши омӯзгор ҳамчун фасилитатор (ҳамоҳангсози раванди таълим) барои эҷоди шароити мусоид ба рушди салоҳиятҳои асосӣ муҳим мебошад.

**2. Ченакҳо ва асбобҳои арзёбии салоҳиятҳо**
- Усулҳои инъикоскунанда (дафтарчаҳои фикррони шахсӣ, қолабҳои хударзёбӣ) барои ба ҳисоб гирифтани пешрафти инфиродии хонандагон имкон медиҳанд.
- Арзёбӣ тибқи меъёрҳо дар асоси сатҳҳои соҳиб шудан ба маҳоратҳо (масалан, бо истифода аз таксономияи Блум) амалӣ карда мешавад.
- Усулҳои мушоҳида ва таҳлили ҳолатҳои воқеӣ барои арзёбии татбиқи маҳоратҳо дар корҳои амалӣ истифода мешавад.

**3. Мониторинги рушди салоҳиятҳо**
- Харитаҳои рушд барои пайгирии тағйирот дар ташаккули маҳоратҳои хонандагон истифода мешаванд.
- Мониторинги мунтазам баҳодиҳии объективии пешрафтро таъмин мекунанд.
- Арзёбии кори гурӯҳӣ тавассути лоиҳаҳои дастаҷамъона, баҳсҳо ва таҳлили муштараки ҳолатҳо гузаронида мешавад.

## Саволҳо барои робитаи мутақобила

**Саволҳо**
1. Кадом воситаҳои арзёбии маҳоратҳо дар шароити кори шумо муфидтар буданд?
2. Пас аз омӯзиши мавзуъ, фаҳмиши шумо дар бораи раванди мониторинги маҳоратҳо чӣ гуна тағйир ёфт?
3. Кадом ҷиҳатҳои мониторинги салоҳиятҳо таваҷҷуҳи бештар ё саволҳои зиёдтар ба вуҷуд оварданд?
4. Кадом ғояҳо ё усулҳо барои шумо кашфи нав шуданд?
5. Чӣ гуна шумо нияти истифодаи донишҳои гирифташударо барои ташхиси муҳити таълимӣ доред?
6. Кадом қадамҳои аввалро барои татбиқи воситаҳои пешниҳодшудаи арзёбӣ мегузоред?
7. Кадом мушкилотро ҳангоми татбиқи системаи мониторинги маҳоратҳо пешгӯйӣ мекунед?

👉 *Шакли кор:* ***қайдҳои инфиродӣ + мубодилаи дунафарӣ***

***I.*** **Худбаҳодиҳии амалияи касбӣ**

**1. Арзёбии самаранокии воситаҳои ташхис**
- Кадом воситаҳои ташхис ва мониторинги маҳоратҳо барои шумо муфид буданд?
- Арзёбии шароити ташаккули маҳоратҳо то чӣ андоза объективӣ ва систематанок анҷом дода мешавад?

**2. Таҳлили татбиқи усулҳо**
- Кадом усулҳои арзёбии маҳоратҳоро шумо муваффақона татбиқ кардед?
- Кадом воситаҳо ниёз ба таҳрир ё мутобиқсозӣ бо шароити шуморо доранд?

**3. Рушди маҳоратҳои касбӣ**
- Ақидаи шумо доир ба мониторинги натиҷаҳои таълимӣ чӣ гуна тағйир ёфт?
- Барои таҳлили самараноки маълумот кадом маҳоратҳо ё донишҳоро бояд амиқтар намоед?

**4. Нақшаи беҳсозии минбаъда**
- Кадом қадамҳоро барои беҳтарсозии раванди арзёбии маҳоратҳо мегузоред?
- Барои рушд додани кор, кадом манбаъҳо ё воситаҳо ба шумо лозим мешаванд?

👉 *Шакли кор: қайдҳои инфиродӣ + мубодилаи дунафарӣ*

**II. Гузариш ба амал**

Гузариш ба амал: татбиқи амалии арзёбии салоҳиятҳо. Пас аз таҳлили воситаҳо, ченакҳо ва мониторинг, қадами муҳим татбиқи ин донишҳо дар амал аст. Ҷиҳатҳои асосии амал:

**1. Татбиқи системаҳои арзёбӣ**
- Таҳияи харитаҳои ташхисӣ ва рӯйхатҳои санҷишӣ барои муҳити таълим.
- Муайян кардани меъёрҳои маҳоратҳо дар асоси таксономияи Блум.
- Татбиқи усулҳои мушоҳида ва дафтарчаҳои инъикоскунанда барои пайгирии пешрафти шахсӣ.

**2. Ташкили мониторинг**
- Оғози таҳқиқотҳои озмоишии мониторингӣ барои санҷиши воситаҳои арзёбӣ.
- Муайян кардани нишондиҳандаҳои мониторинг (тағйирпазирии муҳит, сатҳи ҳамкорӣ, дараҷаи соҳибшавии маҳоратҳо).
- Таҳияи харитаҳои рушд барои пайгирии тағйирот.

**3. Таҳрир ва мутобиқсозии усулҳо**
- Гузаронидани робитаи бозгашт бо иштирокчиён: кадом воситаҳо муфиданд, кадомашон ниёз ба таҳрир доранд.
- Мутобиқсозии усулҳо ба шароити муассиса бо дарназардошти ниёзҳои омӯзандагон ва омӯзгорон.
- Татбиқи моделҳои таҳлили гурӯҳӣ, ба монанди баҳсҳо, усулҳои кейсӣ, ҳаллу фасли муштарак.

**4. Нақшаи минбаъдаи амал**
- Муайян кардани дурнамои ҳамгироии STEM ба системаҳои арзёбӣ.
- Баррасии истифодаи платфомаҳои рақамӣ барои мониторинги фаъоли маҳоратҳо.
- Ташкили семинарҳо ва тренингҳо барои омӯзгорон оид ба истифодаи самараноки воситаҳои ташхисӣ.

## ХУДБАҲОДИҲӢ: ЧӢ ДАР ХОТИРАМ МОНД, ЧИРО ФАҲМИДАМ?

**Варақаи худбаҳодиҳии 1.2**

**1. Мувофиқ кардани мафҳум бо тавсиф**

| Мафҳум | Тафсир |
|---|---|
| А. Харитаҳои ташхис | 1. Барои таҳлили шароити ташаккули маҳоратҳо |
| Б. Усули мушоҳида | 2. Имкон медиҳанд, ки татбиқи амалии маҳоратҳои омӯзандагон арзёбӣ шаванд. |
| В. Арзёбии меъёрӣ | 3. Ба сатҳҳои дақиқи соҳибшавии маҳоратҳо, масалан, таксономияи Блум, такя мекунад. |

**2. Ҷустуҷӯйи ғалат**

**Вазифа:** Қисми нодурусти изҳоротро нишон диҳед ва онро ислоҳ кунед.

**Изҳорот:** «Мониторинги маҳоратҳо танҳо як маротиба дар сол гузаронида мешавад ва ба санҷиши мунтазам ниёз надорад».

**Ислоҳ:** ______________________________________________________

**3. Такмил додани таъриф**

**Вазифа:** Холигиро пур кунед, таърифро такмил диҳед. «Усулҳои рефлексивӣ (равобити мутақобила) ба хонандагон имкон медиҳанд ______________________________».

**4. Ҷавоби дурустро интихоб кунед**

**Савол:** Кадом воситаи зикршуда имкон медиҳад, ки пешрафти инфиродии хонандагон-ба назар гирифта шавад?

1. Усулҳои мушоҳида
2. Усулҳои рефлексивӣ
3. Харитаҳои ташхисӣ
4. Арзёбии меъёрӣ

**5. Ҷавоби дурустро интихоб кунед**

**Савол:** Кадом мафҳуми зер барои арзёбии кори гурӯҳӣ истифода мешавад?

1. Харитаҳои динамикии рушд
2. Буришҳои мониторингии мунтазам
3. Лоиҳаҳои дастаҷамъона ва баҳсҳо
4. Қолабҳои хударзёбӣ

## МАШҒУЛИЯТИ 2

**НАТИҶАҲОИ ТАЪЛИМ:**

1. **Тавонистани** истифодаи воситаҳои одии ташхиси муҳити таълим.
2. **Тартиб додан тавонистани** нишондиҳандаҳо барои арзёбии салоҳиятҳо.



### МАШҒУЛИЯТИ АМАЛӢ: АЗ МУШОҲИДА БА АМАЛ

**Машғулияти амалии 1. Тартиб додани нишондиҳандаҳо барои арзёбии салоҳиятҳо дар ваъиятҳои гуногуни таълимӣ**

1. **Тафаккури интиқодӣ:**
   **Вазъият:** Ба хонандагон пешниҳод карда мешавад, ки маълумоти ба ҳам зидро аз ду манбаъ таҳлил кунанд, нодурустиҳоро муайян намоянд ва хулосаҳои асоснок бароранд.
   **Чиро бояд арзёбӣ кард:** ______________________________

2. **Салоҳияти муошират.**
   **Вазъият:** Ташкили баҳсҳо, ки дар он хонандагон бояд мавқеи худро асоснок кунанд, ба мухолифон гӯш диҳанд ва дар гурӯҳ ҳамкорӣ намоянд.
   **Чиро бояд арзёбӣ кард:** ______________________________

3. **Эҷодкорӣ**.
   **Вазъият:** Хонандагон вазифаи ғайристандартӣ мегиранд, ки ба равиши эҷодӣ ниёз дорад (масалан, пешниҳод кардани роҳи инноватсионии ҳалли мушкилоти экологӣ).
   **Чиро бояд арзёбӣ кард:** ______________________________

4. **Мустақилият ва ташаббускорӣ.**
**Вазъият:** Хонанда лоиҳаро мустақилона тарҳрезӣ ва вазифаҳоро тақсим мекунад, мӯҳлатҳоро муайян ва роҳҳои татбиқро пешниҳод менамояд.
   **Чиро бояд арзёбӣ кард:** ______________________________

**Машғулияти амалии 2. Барои арёбии салоҳиятҳои зерин нишондиҳандаҳо тартиб диҳед.**

**Арзёбии тафаккури интиқодӣ**

| Дараҷа | Нишондиҳанда |
|---|---|
| 1. Сода | |
| 2. Рушдёбанда | |
| 3. Такмилёфта | |

**Арзёбии эҷодкорӣ**

| Дараҷа | Нишондиҳанда |
|---|---|
| 1. Сода | |
| 2. Рушдёбанда | |
| 3. Такмилёфта | |

**Арзёбии ҳамкорӣ**

| Дараҷа | Нишондиҳанда |
|---|---|
| 1. Сода | |
| 2. Рушдёбанда | |
| 3. Такмилёфта | |

**Адабиёт ва сарчашмаҳо**


1. Бацунов С. Н., Дереча И. И., Кунгурова И. М., Слизкова Е. В. Современные детерминанты развития soft skills // Концепт. 2018. №4. С. 198–207. DOI 10.24 422/MCITO.2018.4.12 367. (in Russ.).
2. Компетенции «4К»: формирование и оценка на уроке: Практические рекомендации / авт.-сост. М. А. Пинская, А. М. Михайлова. – М.: Корпорация «Российский учебник», 2019.
3. Низомномаи намунавии ташкил ва гузаронидани чорабиниҳои беруназсинфӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ (Бо қарори мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24.07.2014,№15/9 тасдиқ шудааст).
4. Низомномаи намунавии фаъолияти беруназдарсӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ (Бо қарори мушовараи Вазорати маориф ва илми Ч,умҳурии Тоҷикистон аз 24.07.2014,№15/13 тасдиқ шудааст).
5. Полушкин Д.П. EduScrum как средство формирования «4К» компетенций, обучающихся// Синергия Наук. 2018. №30.
6. Тартиби ташкил ва гузаронидани ҳафтаҳои фаннӣ дар муассисаҳои гаҳсилоти умумӣ (Бо қарори мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24.07.2014, №15/13 тасдиқ шудааст).
7. Татбиқи муносибати босалоҳият дар таълими фанҳои табиӣ ва технологияи информатсионӣ. Дастури таълимӣ-методӣ. – Душанбе, 2018. – 41с.
8. Чечет, В. В. Активные методы обучения в педагогическом образовании: учеб. - метод. пособие / В. В. Чечет, С. Н. Захарова. – Минск: БГУ, 2015. – 127 с.
9. http://college4.ru/resource/metodicheskie-materialy-resursnogo-tsentra.
10. https://quotesanity.com/quotes-about-collaboration-in-education
11. https://www.weforum.org/reports/new-vision-for-education-fostering-social-and-emotional.